**АМИНИИ ДЕҲАҚӢ**

# Оча

Душанбе
«Бухоро»
2015

ББК 86.39+87.717
А–57

Унвони китоб: **Оча**
Муаллиф: **Аминии Деҳақӣ**
Муҳаррир: **Мубашшир Акбарзод**
Баргардон
аз ҳуруфи форсӣ: **Дилафрӯз Қурбонӣ**
Ношир: **«Нашриёти Бухоро»**
Замону макон: **Душанбе, 2015**
Чоп: **Аввал**

ISBN 978-99947-910-7-1

© Аминии Деҳақӣ, 2015

## ЯК-ДУ СУХАН

Ин достон ривоятест аз кашмакашҳои ҷангҳои дохилӣ миёни шаҳрвандони тоҷик, ки дар дили ин арса рухдоде падид меояд, ки саросар бо эҳсоси инсонӣ омехта аст. Кӯдаке, ки ҳоло бузург шудааст, инак аз ранҷҳои худ дар гузашта мегӯяд, ки чӣ гуна модарашро дар ҷанг аз даст додааст ва чӣ гуна дар муҳити ин ҷанг рушд кардааст. Ҳоло ӯ дар як мартабаи баланд истода ва ба гузаштаи хушунатбори ҷанги шаҳрвандӣ менигарад, ки ҳикоят аз ранҷҳои куҳнашуда дар қалби ин инсон аст. Ба ростӣ ин инсони ровӣ, ки ҳоло сӣ сол аз умри ӯ мегузарад, достонеро ривоят мекунад, ки ҳокӣ аз ранҷҳои ӯ дар ин синну сол аст.

Аминии Деҳақӣ дар ривояти ин достон кӯшидааст бо нусхабардорӣ аз як воқеияти таърихӣ ҳикояти ранҷҳои инсониро аз нигоҳи шоҳид матраҳ кунад.

Муҳимтар ин ки кӯшидааст, кашмакашҳои он давронро бо вожагони худ ба тасвир кашад. Вақте ки достонро мехонем, на танҳо бо он ҳамзодпиндорӣ мекунем, балки як-яки тасовир нохудогоҳ дар баробари дидагони мо мегузарад.

Аминӣ романнависест, ки аз сабкҳои адабӣ, аз ҷумла натурализм ва сурреализм баҳра гирифтааст ва муҳимтар ин ҷузънигарӣ ва тасвиргарӣ аз хавоси ин нависанда ба шумор меравад, ки бо таваҷҷуҳ ба достонҳои пешинаи ӯ қобили мулоҳиза аст ва ин мавзӯъ бармегардад ба ин ки ӯ ибтидои кори худро бо филмноманависӣ ва филмсозии мустанад шурӯъ кардааст. Эҳтимолан ин хосияти достоннависии Аминӣ мутаассир аз пешинаи филмсозии ӯст, ҳарчанд имрӯза адабиёти достонӣ ба шиддат таҳти таъсири синамо қарор гирифтааст ва аз тавсифоти навишторӣ гузашта ва ба тасвиргарӣ расидааст. Аз ҳайси дарунмоя бо таваҷҷуҳ ба китобҳои пешинаи Аминӣ нияти ӯ дар ду масъалаи маргандешӣ ва Худо аз нигоҳи инсони мудерн матраҳ мебошад, агарчи ӯ отифа ва эҳсосоти инсониро ҳам нодида нагирифтааст ва ба он пардохтааст.

*Муҳаррир*

Хеле муҳкам ангуштони борику дарозашро дар миёни ангуштони кӯчакам гирифта будам ва барои аввалин бор мехостам мазаи оча доштанро, ҳарчанд агар ӯ модарандар ҳам бошад, ҳис карда, гармии дасташро таҷриба кунам. Мехостам ҳар он чи дар бораи оча аз забони кӯдакони дунёи кӯчаки зиндагиям шунида будам, чашида, бо забонам маз-маза кунам. Оҳ, агар мешуд, дӯст доштам гармои кафи дасташро бӯ бикашам ва бо забонам билесам. Оҳ, агар мешуд, таъми номаълуми дасташ-

ро бо макидани ангушташ бичашам ва мазаи туршу ширини қаҳру лабхандҳои модаронаашро дар пайи давиданҳои нодавидаам эҳсос кунам.

Дареғ!

Бо ҳамон зеҳни кӯдаконаам метарсидам, ки ин майлу хоҳиш ҳам боз ҳасрате дар пай дошта бошад. Ҳамин тавр ки дар он авҷгоҳи баланд қоматашро аз нигоҳи кӯдаконаам медидам, метарсидам аз нигоҳи худам, ки мабодо сояаш кӯтоҳтар аз хаёли ман бошад.

Агарчи мехостам ҳамроҳу ҳамқадам шавем, лекин медонистам, ки чоҳи ҳасрати ман амиқтар аз баландии қомати ӯст, ҳасрате, ки дар хаёлам ваҳшиёна чун мавҷ синаи сангҳои соҳили умеди маро даридааст, ҳасрате ки чун мӯриёна девораҳои рӯҳи кӯдакиямро ҷавидаву хӯрдааст, ҳасрате, ки маро обистани ниёз карду дар кӯчаҳои кӯдакиям дар ин ҳол диду фақат нигоҳ кард.

Қарор буд, ки ҷойи очаи надоштаамро пур кунад. Аммо аз он ҷое ки ҳисси очадориро боре насанҷида будам, наметавонистам бо он зеҳни кӯдакона ам масъаларо дарк кунам. Гиҷи гиҷ ва манги манг будам, намефаҳмидам оча

доштан чӣ мазае дорад, чаро ки очаи аслии худамро ҳаргиз надидаву ба ёд надоштам. Ҳар он чи аз очаам дар зеҳн сохта будам, хаёлӣ буд.

Падарам, агар хатаре ӯро таҳдид намекард, шабҳои шанбе аз шаҳри Душанбе ба деҳа меомад. Баъзе вақтҳо ҳам ба хотири даргириҳои мусаллаҳонаи байни гурӯҳҳои сиёсии онвақта, ногузир дар маҳалли кори худаш ме монд ва манро, ки як ҳафта интизорӣ кашида будам, дар ҳасрати дидору навозишаш мегузошт. Вақтҳое ҳам, ки дар деҳа буд, ҳамеша дӯстдориям мекарду дар бағалаш мегирифт. Шабҳо маро дар ҷогаҳи худаш гирифта, бароям қиссаҳо мебофту мегуфт. Вақте фикр мекард, ки ман хоб рафтаам, хеле орому бесадо аз рахти хоб бармехост ва мерафт суроғи сандуқчае, ки дар ҷевони либосҳо пинҳон карда буд. Онро ором берун оварда, қуфли сандуқчаи филиззии дӯстдоштааашро боз мекард. Садои пасту форами кушода шудани дари сандуқча ҳушёртарам мекард, аммо дар он ҳангом вонамуд мекардам, ки масти масти хобам. Ӯ он қадар оҳиставу ором ин корро анҷом медод, то

бибӣ ва бобоям, ки дар утоқи ҳамҷавор, ки танҳо тавассути як парда аз утоқи мо ҷудо мешуд, хобида буданд, бедор нашаванд. Шояд онҳо ҳам фаҳмидаву бедор мешуданд, вале сир намедоданд.

Асли кор аз ин ҷо шурӯъ мешуд, ки падарам дар гӯшаи утоқ шамъеро равшан карда, муқобили он менишаст. Гӯё мехост нури шамъ ба самти ман партаве надошта бошад ва баъд дари сандуқчаро бо ҳазор оҳу ҳасрат боз мекард. Бисёр дилам мехост, то бидонам, ки падарам дар он сандуқчааш чи дорад, ки намехоҳад ман аз он бохабар шавам.

Гоҳе падарам, ки пушт ба ман нишаста, бо нури шамъ ба сандуқчааш машғул буд, мегирист, ба гунае, ки шонаҳояш такон мехӯрд. Гӯё ману бибию бобоямро фаромӯш карда, худро танҳои танҳо эҳсос мекард. Борҳо ман дар зери курпа бо ӯ ҳамовоз шуда, гириста будам. Аммо ӯ мутаваҷҷеҳ нашуда, фикр мекард, ки ман ҳамчунон дар хобаму аз ҳоли ӯ бехабар.

Кам-кам фаҳмидам, ки дар сандуқча чанд сурат дорад. Бо мурур донистам, ки ин суратҳои дӯстдоштааш, аз они

очаам ҳастанд. Бисёр бетоби дидани онҳо будам, аммо ҳеҷ гоҳ натавонистам сурати очаамро бибинам. Падарам баъзе аз шабҳо бо суратҳое, ки аз даруни сандуқча берун меовард, зери нури шамъ наҷво мекард, ки гоҳе вақтҳо ихтиёр аз кафаш мерафту хеле роҳат, гӯё ки очаам дар муқобилаш нишастааст, бо суратҳои очаам гап мезад. Ӯ борҳо ҳикояти ошноию дидори аввалашро бо очаам нақл карда буд, ки ман онро аз ёд карда будам. Баъзе вақтҳо дар вақти бозгӯ кардани хотироташ гиря мекарду баъзе вақтҳо ҳам механдид. Шабе, пас аз нақли дубораи ҳикояи дидори аввалинаш каме хандиду шурӯъ ба гуфтани чизҳое кард, ки ман сарфаҳм намерафтам. Ӯ ба очаам мегуфт: Ёдат ҳаст, чӣ тавр куртаатро аз танат кандам? Ёдат ҳаст, вақте аввалин бор дастамро ба синаҳоят задам, чӣ тавр дод задию ба гиря афтодӣ? Ёдат ҳаст, вақте барои аввалин бор ба зӯр хобондамат, фарёд задию ашк рехтӣ?

Ҳарчанд ки аз ҳарфҳои ӯ чизи зиёде намефаҳмидам, аммо аз ӯ бадам омад. Ӯ очаамро азоб дода буд. Ман хеле ҳайрон мешудам, чаро падарам, ки ал-

ъон ин қадар сурати очаамро дӯстдорӣ мекунад, он вақтҳо очаамро азоб дода, коре мекардааст, ки ӯ бигиряд. Аз падарам нафратам омад. Шабе, ки боз аз азоб додани очаам гуфт, хостам, ки хеста ӯро бизанам, аммо натавонистаму сарамро зери курпа бурда, барои очаи нодидаам гиристам. Кам-кам шунидани нақли ин ҳикояҳои наваш бароям одӣ шуд.

Шабе баъд аз нақли ҳикояву бӯсидани суратҳо якбора ғалтиду пас аз лаҳзае садои хур-хури хобаш баромад. Нигоҳе кардаму дидам, сурате бар рӯйи сандуқча зери нури шамъ медурахшад. Васваса шудаму бо шавқи дидани очаи нодидаам оҳиставу ором пеши сандуқча рафтам. Худоҷонам, чӣ мебинам? Аз ҳаяҷон қалбам дар қафаси сина тез-тез метапид. Тарсидам, ки аз садои дилам падарам аз хоб бедор шавад. Боварам намеояд, оё ман сурати очаҷонамро мебинам? Оҳ, гӯё аз шодӣ шодимарг мешавам. Очаҷонам, очаи азизи надидаам, чӣ қадар ман пазмони дидорат ҳастам. Як лаҳза, як дамаке ҳам бошад, аз рӯйи сурати коғазӣ ҳам бошад, мехоҳам ба чеҳраи зебоят назар андозам.

Оре, ту ҳатман зебоӣ! Очаи ман, очаи надидаи ман бояд аз ҳамаи очаҳо зеботар бошад. Бисёр дилам мехост тамоми чизҳои даруни сандуқчаро зеру рӯ карда бинам, кунҷковиямро бартараф кунам, аммо шамъи бахил ин хоҳишамро ба боди фано бурд. Шамъ дар лаҳзаҳои бисёр ҳассос аз равшанӣ монд. Тамом шуд.

Ба ҷогаҳи хобам баргаштам. Сурати очаам, ки барои аввалин бор ӯро дида будам, тамоми ҳуҷраро пур кард. Ба сақф нигоҳ кардам. Чеҳраи зебои ӯ дар он ҷо медурахшиду ба ман лабханд мезад. Дар ҳамин хаёлҳо будам, ки оҳиста-оҳиста хобам бурд.

Аз хоб парида хестам. Дир-дир меларзидам. Чаро меларзам? Ҳаво хунук аст ё ба ман чизе шудааст? Якбора ҳама рухдодҳои шабона пеши назарам ҷилвагар шуд. Ҳисси ширину гуворои дидани рӯйи очаам. Ман рӯяшро, чеҳраашро дидам, вале дилам тар нашуд. Боз ҳам мехоҳам бинамаш, боз ҳам дидан мехоҳамаш. Ин дидори шабонаи ману очаам мисли қатраи обе буд, ки дар биёбони сӯхтаи беобу алаф афканда бошанд.

Очаҷонам, очаҷони азизам, ту куҷоӣ? Чаро ба суроғи мани дилшикаста намеоӣ? Магар ёдам намекунӣ? Ҳамаи очаҳо дилсӯзанд, магар дили ту аз санг аст? Намегӯӣ, ки ин ҷо як дилаке барои ту метапад?! Падарам ҳам доимо дилаш хиҷилу ҳолаш табоҳ аст. Охир, биё! Бисёр дидан мехоҳамат! Биё пеши мо ё моро ҳам пеши худат бибар!

Ҳайҳот, нолиши дили ҳазини ман қалби санги хораро об мекунад, аммо аз ин очаи сангиндилам хабаре нест. Воқеан, куҷост очаам? Каме ба сарам фишор меораму меандешам. Фикрҳоямро як ҷо ҷамъ мекунам. Суратҳои дар сандуқча дидаамро, нақлҳои канда-канда ва бесарунӯги падарамро ба хотир меорам. Оҳ, не, боварам намешавад. Намехоҳам бовар кунам он лаҳзаҳои шумро.

Сандуқча, сандуқчаро боз дидан мехоҳам, боз мехоҳам ба суратҳои зебои очаам дида бидӯзам. Дар ҷевон нест. Аҷабо, куҷо шуда бошад? Шояд падарам онро аз ҷояш беҷо кардааст? Падарам? Падарам куҷост? Ба берун баромадам. Хумори рӯйи очаро бо оғӯши гарми падар шикастан мехоҳам.

Дар ҳота нест. Дар ҳавлии ақиб нест. Ба ошхона меравам. Бибиям машғули кору бори рӯзгор аст. Ба ҷону ҳолаш намонда мепурсам, падарам куҷо шуд, чаро боз маро танҳо гузошта рафт? Бибиям гуфт, ки падарат пайи дарёфти ризқу рӯзӣ аз хона берун шудааст. Боз ҳам аз бибӣ мепурсам: Очаам куҷост, чаро ба наздамон намеояд? Ашк дар чашмони бибӣ ҳалқа зад. Намехост мисли ҳамеша ҳарфе ба забон биёрад. Шояд дар ҳарф гуфтан мушкил мекашид, шояд барояш сахт буд нақли саргузашти очаи надидаи ман. Вале ин бор истодагарӣ кардам. Гуфтам, ки сураташро дишаб дидам, аз падарам ҳам шунидам, ки очаам кушта шудааст. Дар ниҳоят бибӣ бечораҳолона тамоми ҳодисаро бароям нақл кард. Он лаҳзаи шумеро, ки ҷавонзане кӯдаки ширмак дар бағал дар байни гурӯҳҳои силоҳбадаст меафтад ва дар охир аз дасти онҳо ҳалок мегардад. Ба хотири зинда мондани тифли ширхорааш худашро сипар месозад.

Бечора очаам. Бибӣ гуфт, ки дар он авҷи ҷангҳои шаҳрвандӣ очаам ночор буд барои кумак ба иқтисоди хонавода

қабл аз хӯроки нимрӯзӣ ғизое тайёр кунад. Он гоҳ бо пойи пиёда, тифли ширхора ба бағал, зарфи вазнини пури хӯрок дар даст як роҳи тӯлониро дар шаҳри ҷангзадаи Душанбе тай кунад, то ғизоро ба падарам ва ҳамкоронаш расонда, аз ин тариқ чанд пуле пайдо кунад.

Рӯзе ҳангоми бозгашт ба хона, ногузир дар кашокаши даргирии силоҳбадастон ба дом меафтад, ба гунае, ки на роҳи пеш дошта ва на роҳи пас. Ба ночор дар айни бепаноҳӣ, нигарони кӯдаки ширмакаш дар гӯшае аз хиёбон пинҳон мешавад. Бибӣ бо ашку нола давом дод, ки ӯ маро сахт дар оғӯши худаш аз тирҳо муҳофизат мекардааст. Бибӣ гуфт, очаам худашро чун море ба гирди ман чанбарвор печонда будааст. Ба гунае, ки шабеҳи кӯдакони дар шиками оча шуда будааст.

Бибӣ маро ба бағалаш гирифта, сарамро ба рӯйи тараш часпонду гирякунон гуфт, бегоҳӣ, падарам дар роҳи бозгашташ ба хона ҷасади ба хоку хун оғуштаи очаамро, ки маро сахт дар бағал доштаву синааш дар даҳони ман будааст, меёбад.

Ончунон ки бибӣ гуфт, фаҳмидам, очаам пас аз тир хӯрдан ва хунрезии шадид ҷон додааст. Аммо дар он лаҳзаи охир ҳам тамоми тавонашро барои муҳофизат аз ман ба кор баста будааст. Вақте падарам ба болои сараш мерасад, очаам дар вопасин нафасҳои зиндагияш лабханде мезанад ва ҷон ме супорад. Он гоҳ падарам маро, ки дар оғӯши очаам синаи хушкида аз ширашро ҳамвора ба даҳон доштаву сокит будам, гирифта, гиряву ноларо сар мекунад.

Маълумам шуд, ки чаро падарам ҳар гоҳ он сурати сандуқчаро медид, аз худ бехуд мешуд. Охир, он сурат ҳамон сурате буд, ки ман он шаб дар зери нури шамъ дидаву шефтаи лабханди малеҳаш шуда будам. Лабханде, ки гӯё шабеҳи лабханде будааст, ки падарам дар охирин лаҳзаҳои зиндагии очаам бар рӯйи ӯ дида будааст.

***

Рӯзҳои зиндагии ман дар деҳа якрангу дилбазан мегузаштанд. Албатта бобову бибиям мекӯшиданд, то як дараҷае маро аз он ҳисси танҳоии тазйиқовар раҳонанд, аммо намешуд. Падарамро бисёр ёд мекардам. Аз чӣ бошад, ки вақтҳои охир гӯё маро тамоман аз ёду хаёлаш бароварда буд. Хусусан ҳамин як сол аҳёнан дар хона пайдо мешуд. Меомаду ба пойи пасаш гашта мерафт. Ба нишастан фурсат намеёфт, чӣ расад барои шабро бо ман рӯз кардан. Оҳ, чӣ қадар суҳбатҳояшро бо сурати очаам, ки даруни сандуқча пинҳон сохта буд, ёд

кардаам. Дилам гум мезанад барои шунидани нақли саргузаштҳои айёми дуре, ки ман онҳоро надидаам ва танҳо бо гуфтугӯҳои ниҳонии падар бо сурати очаам аз онҳо огоҳӣ ёфтам, ёди рӯзгори ширине, ки падари камдидаам бо очаи надидаам паси сар кардаанд. Ин майлу хоҳишҳо маро сахт азоб медоданд. Оҳиста-оҳиста ба хобам таъсир расонданд. Бисёр шабҳо хобам намебурд ва агар барад ҳам, хобҳои даҳшатнок медидам, ҳамеша сиёҳӣ пахшам мекард ва бо доду фарёд аз хоб бедор мегаштам.

Аҳволи харобам бибиямро водор сохт, ки шабҳо бо ман бихобад. Ин бехобиҳову азобҳоям боис шуданд, ки ба дарди дигаре ҳам гирифтор гардам ва шабҳо, вақте бибиям бо ман мехобид, нохоста дар хобам шошида либосҳои ӯро низ ба қавли худаш "бенамоз" мегардондам. Бибӣ дигар сабр аз даст дод. Шабе аз шабҳо кам-кам гапро аз дур сар карда, ба ман фаҳмонд, ки дигар пир шудаасту ба танҳоӣ аз уҳдаи тарбияи ман намебарояд. Аз ин ба баъд ман бояд бо падару "оча"-и навам ва

меҳмони наве, ки онҳо интизори омаданаш ҳастанд, зиндагӣ кунам.

Албатта, гапҳои бибӣ то андозае ҷон доштанд. Дар ҳақиқат хеле пиру фартут гашта буду баъзан вақт шустани як пиёла ҳам барояш сангинӣ мекард. Корҳои дигари хонаро низ бо азобе анҷом медод. Аз ин рӯ ман ҳам бо ҳамон ақли кӯдаконаам даркаш мекардам. Аммо ... Бароям осон набуд дарки аҳволи ҳозираи падарам. Боз ин ки як нафари дигар ҳам дар паҳлуяш пайдо мегардад ва албатта, мавқеи маро дар назари падарам танг месозад.

Ин чӣ эҳсосест? Ҳайронам! Рашк аст? Албатта, рашку ҳасад вуҷудамро мефишорад, гиряи ғайриинтизоре дар гулӯям буғз мекунаду ба таркидан наздик мешавад. Вале аз бибиям хиҷолат кашида, ин ҳолатамро нишон намедодам ва беҳаракат рӯйи бистар хобида будам. Бибиям андешид, ки маро хоб бурдааст ва аз ҷояш хеста, нӯк-нӯки по аз назди ман пеши мӯйсафедаш рафт.

Ман ҳам, ки интизори ҳамин лаҳза будам, аз ҷоям хеста, дар торикии ҳуҷраи хоб палмосида-палмосида сӯи ҷевон рафтам. Дарашро кушода, тамо-

ми либосҳои дарунашро зеру рӯ кардам ва дар охир он сандуқчаи дӯстдоштаниро ёфта, дар бағал гирифтам. Калидашро надоштам, ки кушоямаш. Ночор бо оғӯш кашиданаш қаноат кардаму бо сурати очаи надидаам, ки дарунаш пинҳон буд, суҳбаткунон чӣ тавр хоб рафтанамро намедонам.

* * *

Баъд аз чанде қарор шуд барои шинос шудан як рӯзро бо зани нави падарам сипарӣ кунам, то ҳамдигарро биёмӯзем, чаро ки падарам исрор дошт, то маро ба назди худаш ва оилаи наваш бибарад. Бибиям либосҳои нав ба танам кард ва маро ҳамроҳи он зани ҷавони рус, ки барои дидани бибию бобоям ба деҳа омада буд, барои гаштугузор ба шаҳри Душанбе фиристод.

Дукаса роҳии Душанбе шудем. Ҳанӯз ҷангҳои шаҳрвандӣ пас аз чанд сол давом дошт ва мардум барои гузарони зиндагӣ ва ёфтани як луқма нон ночор

буданд, бо ин шароити ноамнӣ, ки дар ҳар лаҳзаи он умеде ба соати баъд вуҷуд надошт, талош кунанд ва бо ҳазорон бадбахтию тарс ба зиндагии худашон идома диҳанд.

Ҳар лаҳза маргу хушунат гиребони касеро бидуни ҳисобу китобе мегирифт. Мардуме, ки ба ночор дар Душанбе будубош доштанд, ҳарчанд пас аз чанд сол ба ин шароити ҷангӣ ва ноамнӣ одат карда буданд, аммо боз ҳам дар гузар аз хиёбонҳои шаҳр тарс дар чеҳраашон намоён буда, бо бим гузар мекарданд. Баъзе мекӯшиданд аз каноранҳои хиёбон часпида ба девори иморатҳо убур кунанд, то мабодо аз сари ҳавас тири ғайбе ба онҳо бирасад.

Занони бева чун қаиқи шикаста дил ба дарёи марг мезаданд ва ҷиҳати таҳияи лаби ноне барои кӯдаконашон аз миёни гуфтугӯйи силоҳҳо дар бистари хиёбонҳо медавиданд, ки баъзе вақтҳо модаре бар асари расидани тире, ки роҳашро гум карда буд, дар миёни кӯчаву хиёбоне нақш бар замин мешуд. Дар ҳоле, ки кӯдакони ҳамин бевазанон дар хонаҳояшон мунтазири оча буданд, ки шояд пораи ноне барояшон биёва-

рад. Ҳатто дида мешуд, ки модароне ногузир ҳамроҳи кӯдакони ширхораи худ аз саҳнаҳои хунини набард бетаваҷҷуҳ ба бӯсаи тирҳо бо ҳазорон ранҷу бадбахтӣ мегузаштанд, агарчи силоҳбадастони тарафҳои ҷидоли мусаллаҳона чашм доштанд ва ба хубӣ талоши одамонро барои гузаштан ва зистан медиданд, аммо тирҳо кӯр буданд ...

* * *

Фазои шаҳр ошуфта, тавъам бо ҳисси тарс буд ва ҳар гуна талош барои умед доштанро фурӯ мебурд. Зиндагии одӣ ба дур аз гуруснагию ваҳшат ҳамчун меваи дарахти афсонавие шуда буд, ки дасти ҳар касе ба болои шохаи ин дарахт намерасид. Ҳама аз рӯйи одат нафас мекашиданд ва зинда буданд, аммо наметавонистанд зиндагӣ кунанд.

Ҳар касе, ки аз канорамон дар пиёдарави хиёбон мегузашт, гӯё сояи маргро ҳамроҳи худ дида, мехост аз

сояи марги худаш бигурезад. Эҳсоси ғурӯр бар пешонии ҳар падаре чун хатҳои пешонӣ шикаста буд, чаро ки метарсид рӯйи духтари наврасаш дар нигоҳи яке аз ин туфангбадастон соя андозад.

Эҳсоси тарс дар дили ҳар модаре буд, ки мабодо туфангбадасте бо лагад дари хонаашонро, ки ҳамаи паноҳашон буд, шикаста, охирин озуқаи хонаро ба зӯр бибарад. Тарс дар он замон ҳавое буд, ки мардум ночор буданд, онро дар зери осмони хокистарии шаҳр нафас бикашанд.

* * *

Ангуштони кашидаву дарози ӯро чун мила сахт гирифта будам. Метавонистам тарсро аз гармии ангуштонаш бифаҳмам. Аз рӯйи нигаронӣ ба якбора кафи дастамро муҳкам гирифт. Тарии араќи кафи дасташро рӯйи кафи нозуки дастам эҳсос кардам. Зоҳиран оғози ошноии мо мехост бо хариди як бозича шурӯъ шавад. Якрост қадамзанон ба суроғи мағозае рафтем, ки асбоби бозӣ ҳам мефурӯхт.

Зани ҷавони рус камтар бо ман ҳарф мезад. Намедонам чаро?! Гӯё дӯст

дошт, ибтидо ман сари ҳарфро боз кунам. Аммо ман ҳам намехостам ҳарфе бизанам. Медонистам, очаи аслии ман каси дигарест, мунтаҳо намедонистам очаам барои ҳамеша рафта ва бозгаште барои ӯ нест. Таҳи зеҳнам эҳтимол медодам, ки шояд ӯ рӯзе баргардад. Ҳанӯз тасвири дурусте аз марги инсонҳо, бахусус, оча дар зеҳнам надоштам. Аз ин рӯ пазируфтани он зан ба ҷойи очаам кори хеле душворе ба назар мерасид. Аз тарафе аввалин бор буд, ки мехостам дар шаҳри Душанбе асбоби бозӣ бихарам. Миёни ин ду эҳсос дудила будам.

Дар мағоза беихтиёр нигоҳам ба як туфанги сиёҳранг гиреҳ хурд, ки хеле шабеҳи туфангҳое буд, ки бархе одамҳо дар шаҳру русто ба рӯйи дӯш доштанд. Медидам, ки мардум ба он туфангбадастон бисёр эҳтиром мегузоштанд. Барои ман ин бовар падид омад, ҳар касе, ки туфанг бар дӯш дорад, боистӣ қудратмандтар аз дигароне, ки туфанг надоранд, бошанд.

Бидуни ин ки ҳарфе бизанам, ба туфанги сиёҳранге, ки бо ресмон ба сақфи фурӯшгоҳ овезон буд ва дар

масири кунди боди тирамоҳӣ гирди худ рақскунон мечархид, ишора кардам. Дар он завқу шавқе, ки доштам, ҳеч чизу ҳеч касро ба ҷуз он рақси туфанг намедидам, ҳатто дастҳое, ки ресмонро аз лӯлаи туфанг боз карду сипас ба оғӯши ман супурд.

Барои аввалин бор эҳсоси хеле хубе ба ман даст дод. Дарунам пур аз завқу шавқ шуд. Аммо намехостам зани рус мутаваҷҷеҳи эҳсоси қудрате, ки пайдо карда будам, бишавад. Агарчи очаамро ба ҷуз аз аксҳои даруни сандуқча ба ёд намеовардам, вале аз рӯйи ҳамон аксҳо дар зеҳнам тасвири зебо аз ӯ наққошӣ карда будам, ба он умед, ки рӯзе ба суроғам хоҳад омад ва маро бо худаш хоҳад бурд. Ба вижа нигоҳи тардидомези ман нисбат ба зани рус дар як муқоиса ба бозгашти хаёлии дубораи очаам кумак мекард.

Аз мағоза берун омадем. Дӯст доштам туфангамро бо ду дастам хуб навозиш кунам, вале зани рус маҷоле ба ман надод ва бо он ангуштони дарозу кашидааш кафу банди дастамро чун танобе муҳкам гирифт. Комилан соиди дастам то наздикии оринҷам дар

гиреҳи ангуштони ӯ қуфл шуданд. Но-хоста ба хотири қади баландаш маҷбур шудам, ҳамчун одамҳои таслимшуда як дастам дар мушти ӯ ба боло боқӣ бимонад. Бо ин ҳол чунин дастҳои гарму нарм ва бо бӯйи хушеро то он замон эҳсос накарда будам.

Дастони бибиям хеле сахту дурушт буда, бештари вақтҳо бӯйи саргини гӯсфанду гов медоданд. Бо ин ҳол ҳеч гоҳ аз навозишҳои ӯ бо он дастони шахшулаш сер намешудам. Зани рус ба далели қади баландаш он қадар банди дастамро ҳангоми қадам задан ба боло мекашид, ки китфам аз ҷой дармеомад. Хиҷолат мекашидам, шояд ҳам метар-сидам ба ӯ бигӯям, ки ин гуна дастамро ба боло накашад. Бо дасти чапам туфангамро дар оғӯшам нигаҳ дошта будам ва фикр мекардам, ҳоло ки туфанг дорам, мебоистӣ ҳама аз ман битарсанд, ҳатто зани рус. Ҳамин ҳисси қудрат боис мешуд, то дарди китфамро таҳаммул кунам.

Дар он синну сол чандон мутаваҷ-ҷеҳи фарқи байни зану мард ё писару духтар намешудам ва бароям бештар калонию хурдии одамҳо муҳим буд. Аз

ҷинсияти одамҳо чандон огоҳӣ надоштам. Ҳатто, дар мавриди худам дучори шубҳа будам ва намедонистам, ки ман кистам ва чистам. Фақат медонистам ҳамчун падарам ё бобоям ҳастам. Баъзе вақтҳо, ки бо падарам ё бобоям барои шиноварӣ ба канори дарё мерафтем, ё ҳангоме ки онҳо дар гӯшае идрор мекарданд, мутаваҷҷеҳ шуда будам, ки он чи зери шиками ман ҳаст, шабеҳ ба он чизест, ки зери шиками онҳо ҳам ҳаст, аммо аз они ман хеле кӯчактар аст. Вале ҳеч вақт бадани урёни бибиямро надида будам. Аммо ҳар чӣ буд, медонистам, ки ман бо бибиям ва ин зани рус фарқ дорам. Ҳамчунин эҳтимол медодам, ин зани ҷавони рус бештар шабеҳи бибиям бошад, чаро ки ӯ ҳам мисли бибӣ ду пистони калон пеши бараш дошт. Вале пистонҳои бибиям дар зери куртаи дарозаш ҳамчун пистонҳои бузе, ки дар деҳа доштем, раҳову озод буданд. Аммо намедонам, чаро ин занаки рус он ду пистонашро муҳкам дар ду халтачаи латтагии ранга дар зери куртааш зиндонӣ карда буд. Далелашро ҳам намефаҳмидам, фақат гоҳе  дар деҳа дида

будам, ки кӯдакҳои навзод аз он ду пистон мисли бачаи гов ё бачаи гӯсфанд шир менӯшанд, ҳарчанд норавшаниҳои дигар ҳам дар ин бора бароям вуҷуд дошт.

Дар ин рафту баргаштҳо ва ғавғои пур аз суол дар зеҳнам беҳтаринаш ҳисси шодие буд, ки аз туфангам доштам. Вақте як пулис аз канорам гузашту туфанг ба камараш дошт ва дидам туфанги ман каме аз туфанги ӯ калонтар аст, хеле хушҳол шудам. Эҳсоси ғурӯр кардам, вале ҳамин ки хостам эҳсоси шодиямро зери забонам маз-маза кунам, қадамҳои баланде, ки зани рус бо он кафшҳои пошнабаландаш дар ҳангоми роҳ рафтан бармедошт, боис мешуд қадамҳои номуназзами кӯчаки ман бо гомҳои ӯ ҳамоҳанг нашаванд. Аз ин рӯ ҳар лаҳза мехостам ба замин фуруд оям. Мунтаҳо чун кафу банди дастам дар гиреҳи ангуштони дастони ӯ қарор дошт, ҳаросе аз афтодан надоштам. Танҳо нигарониям ин буд, ки мабодо туфангам аз дастам раҳо шавад.

Зани рус бо ҳамон як дасташ барои пешгирӣ аз афтодани ман ба замин гоҳе

маро ба якбора чун пари коҳе аз замин баланд мекард ва дубора рӯйи замин ме гузошт.

Намехостам ба рӯяш нигоҳ кунам, вале дар таги дилам дӯст доштам ба далели туфанге, ки бароям харида буд, бо нигоҳам аз он поин каме аз ӯ ташаккур кунам. Аммо доштани туфангу эҳсоси ғурӯре, ки пайдо карда будам, монеъ аз нигаристани муҳаббатомезам ба ӯ мешуд. Ҳарчанд ба манзури барқарории робита, баъзан тиккавожаҳо ва калимоти муҳаббатомезеро хитоб ба ман ме гуфт, ки намефаҳмидам, лекин дарк мекардам, ки мутақобилан интизор дошт ба ӯ вокуниши тавъам бо меҳр нишон диҳам. Чун гапҳои русии ӯро намефаҳмидам, дар натиҷа сарамро барои ҷавоб додан ҳам баланд намекардам. Мунтаҳо ӯ барои худаш мудом ба забони русӣ замзама мекард. Чун ҳеч кас дар русто, хусусан хонаи бобоям русӣ гап намезад, ман забони русиро намедонистам. Агар ҳам дар хона русӣ гап зада мешуд, ба он хотир буд, ки набоистӣ чизе аз гапҳои онҳо бифаҳмам.

Кафу банди дастам аз араќи кафи дасти зани рус хеле тар шуд ва каме

месӯхт. Дар ҳамгом шудан бо ӯ муқовимат мекардам. Намехостам бо суръате, ки ӯ роҳ мерафт, ҳамроҳияш кунам. Гоҳе мехостам худамро қасдан ба рӯйи замин биафтонам, аммо банду соиди дастам дар чанголаш сахт гиреҳ хӯрда буд. Итминон доштам, намегузорад ба рӯйи замин биафтам. Худаш фаҳмид ва каме қадамҳояшро кӯтоҳтар бардошт, то ман бо он қадамҳои кӯчакам битавонам бо ӯ ҳамроҳӣ кунам.

Ором-ором кафи дастам дард мегирифт. Хун кам-кам дар кафи дастам ҷамъ мешуд. Бо ин вазъият аслан дӯст надоштам бо ӯ ҳарф бизанам. Ҳарчанд то он вақт боре лабханде дар чеҳраи сарду дарҳамкашидааш нисбат ба худам надида будам, аммо аз таҳи дилам мефаҳмидам, маро таҳаммул мекунад. Шояд ҳам дар муқобили кори анҷомшудае қарор гирифта буд ва иҷборан маро таҳаммул мекард, то дили падарамро ба даст оварад.

Тавонистам дар як фурсати муносиб, ки мехост пероҳанашро рӯйи шиками дамидааш поин бикашад, банди дастамро аз чанголи ӯ бираҳонам ва дар масири мухолифе, ки мерафтем,

бигурезам, чанд қадаме бештар аз ӯ дур нашуда будам, ки поям даруни чуқурии роҳи пиёдагард фуру рафт. Ба якбора нақши замин шудам. Тамоми либосҳои тозае, ки бибиям барои ҷалби назари зани рус ба танам карда буд, хоколуд шуданд.

Дар як фосилаи даҳметрӣ, вақте бо чеҳраи гирифта ва асабонӣ ба тарафам меомад, фаҳмидам, ки хеле аз дастам нороҳат шудааст. Эҳсос кардам, ҳатман аз ӯ як шапотӣ ё як мушт хоҳам хӯрд. Вақте ба сӯям меомад, кифи сиёҳранги пурҷилояшро рӯйи шона гузошт, қадам ҳояшро тезтар карду бо шитоб ба тарафам омад. Наметавонист ба хубӣ бидавад, пошнаҳои баланди кафшаш монеъ ба давидани ӯ мешуд. Аз фарти нороҳатӣ лабашро ба зери дандон гирифт. Ҳама гулгуна сурхранге, ки бо кулли заҳмат ба лабҳояш молида буд, пок шуданд. Вақте абрувони рӯйи ду косаи чашмонаш дарҳам гиреҳ хӯрданд, ҳадс задам, ҳатман шапалоқи ҷононае бар гунаам бо он ангуштони дарозаш аз ӯ нӯши ҷон хоҳам кард.

Дар ҳамон ҳолате, ки дароз ба дароз нақш бар замин будам, беихтиёр лӯлаи

туфангамро бидуни ин ки ҳарфе бизанам, ба тарафаш нишона гирифтам. Фикр кардам, ҳатман аз туфангам хоҳад тарсид ва аз асабонияте, ки нисбат ба ман дошт, кӯтоҳ хоҳад омад. Лекин ин гуна нашуд ва айни хаёлаш ҳам набуд. Бо забони русӣ шурӯъ кард тез-тез ҳарф ҳои дашномомез гуфтан, ки аслан маънии онҳоро намефаҳмидам, аммо аз лаҳни каломаш маълум буд, ки дашномам мекунад.

Тасмим гирифтам бо туфангам ба ӯ тир парронам. Ангуштамро рӯйи куланг гузоштам ва зер кардам. Ҳеч иттифоқе науфтод. Ногузир худам бо даҳонам «кию-кию...» кардам, боз ҳам тире шиллик нашуд. Занаки рус мисли як сутуни баланд расид болои сарам. Бо дидани қавоқҳои дарҳамаш тамоми вуҷудам пур аз тарс шуд. Вақте хам шуд, то дубора банди дастамро бигирад, ногаҳон чоки миёни пистонҳои бузургашро, ки даруни ду халтача ҷой дода буд, дидам. То ба ҳол дар рустоямон, ки бо бибиям зиндагӣ мекардам, ингунааашро надида будам. Баъзе вақтҳо фақат як сина аз ду синаи занеро ба ҳангоми шир додан ба кӯдакаш дида

будам. Пироҳани нозуки сурхранге, ки ӯ ба тан дошт, боис мешуд, то барҷастаги ҳои болои танаи ӯ, ба илова шиками дамашро беҳтар бибинам. Ҳамин ки хам шуд, то банди дастамро бигирад, тамоми мӯйҳои маллаpанги дарозаш ба якбора чун мавҷи баҳр рӯйи сару рӯям рехтанд.

Мӯйҳояш маро каме қитӣ-қитӣ доданд. Барои аввалин бор аз миёни гесувону баданаш бӯйи атри форам бо бӯйи арақи танаш машомамро пур кард. Намедонам чаро?! Вале эҳсоси хубе пайдо кардам. То хостам бифаҳмам, чӣ хабар аст, дидам, миёни замину осмон дар чанголаш овезонам, то ин ки маро ба рӯйи замин гузошт. Намедонам, чӣ иттифоқе афтод?! Чеҳрааш барои аввалин бор ором шуд ва дар муқобилам мутавозеона ба рӯйи зонувонаш нишаст. Кӯшид, то гарду хокро аз рӯйи либосҳоям бизудояд. Нохоста чашмам ба чашмони калону дурахшони сабзрангаш афтод. Метавонистам худамро дар инъикоси чашмонаш бибинам. Аз салобати нигоҳаш ногузир сарамро ба поин андохтам. Гиребони каҷшудаи пероҳани сафедамро, ки ба он гардан-

банди сиёҳранге овезон буд, дуруст кард. Охирин доғҳои хокро аз шалвори сиёҳам ҳам зудуд. Навбат ба кафшам расид, ки ба далели фурӯ рафтан дар чуқурӣ каме лойолуд шуда буд. Кифашро кушод ва як дастмоли коғазӣ аз миёни бастааш берун кашид. Шояд аз рӯйи меҳрубонӣ лойи рӯйи кафши сиёҳрангамро пок мекард, чаро ки ҳар аз чанд гоҳе нигоҳе ба ҳамроҳи лабханди нопайдо ба ман мекард ва дубора чеҳраи одӣ ба худ мегирифт.

Гӯё ки иттифоқе наафтодааст. Каме ба чашмонам нигариста, чанд каломи русӣ ҳарф зад, ки бӯйи меҳрубонӣ медод. Бо ангушти ишора бо он нохунҳои дарозе, ки рӯяшон локи сурхранг зада буд, ба гунааш ишора кард ва баъд лабонашро ба аломати бӯсидан ғунча кард, то ӯро бибӯсам. Намедонам чаро мехост ҳатман дар бӯсидан ман пешқадам шавам?!

Эҳсоси даруниям нисбат ба ӯ камкам зинда мешуд. Ба илова тамоюли кӯдаконаи ман ба ӯ ҳамин тавр афзоиш меёфт, бидуни он ки мутаваҷҷеҳи ин майли дарунӣ бишавам. Беирода бо тақлид аз ӯ лабонамро ғунча кардам. Ме

хостам рӯйи гунаашро бибӯсам, аммо иттифоқи дигаре афтод. Ӯ бо каме ҷоба ҷоии гунааш ғунчаи лабонамро бӯсид. Дар ин лаҳза расидани ду лаб ва ин гуна бӯсаро барои аввалин бор таҷриба кардам. Чӣ қадар ин бӯсидан ҳисси хубе дошт. Гӯё тамоми вуҷудам бо ташнагӣ ба бӯсаи модарона ниёзманд буд.

Маро ба оғӯш кашид ва сарамро рӯйи синаҳои гармаш ҷой дод. Нимаи рӯям ба қисмати урёни зери гарданаш часпид ва ман гармои як зан, як очаро бо тамоми вуҷудам эҳсос кардам. Ин тамоси рӯю лабонам ба пӯсти бадани ӯ ниёзи хуфтаеро дар вуҷудам мисли оташ шуълавар кард. Оромиши аҷиберо ҳис мекардам ва дар гармои он эҳсоси амният мекардам.

Боз банди дасту соидамро гирифт ва ба дунболи худаш кашид. Ин бор азият намешудам. Хеле дӯст доштам аз замин баландам кунад ва ба оғӯши худаш паноҳам диҳад. Аммо зоҳиран пошнаи баланди кафшҳояш монеъ аз ин кор мешуд.

Нигаронии хосеро нохоста аз тариқи гармои дасташ ба ман мунтақил месохт, ки хеле аҷибу гунг ба назар мерасид.

Гӯё тарси пинҳоншудае дар як гӯшаи зеҳнаш чун хура вуҷудашро мехӯрд. Ин изтироби нохоста ба ҷони ман ҳам афтод. Ангор мунтазири як иттифоқи тозае будем, ки ҳеч далеле барои вуқӯи он намедидем, лекин ҳузури рӯбарӯшудашро дар вуҷудамон мефаҳмидем.

Мардум дар он пиёдарави пур аз чуқуриҳои кӯчаку бузург дар хиёбони куҳнаи Ленин (Рӯдакии кунунӣ) ба монанди роботҳо роҳ мерафтанд. Дар убуру мурури одамҳои атрофамон мешуд эҳсоси тарси онҳоро бидуни далеле дарк кунам. Ҷумлагӣ мекӯшиданд, зиндагии худашонро дар айни ҳаросу ноумедӣ давом диҳанд ва изтироби пинҳон чун захми куҳнае аз дарун вуҷудашонро зарра-зарра мехӯрд. Зоҳиран ниқобе ба чеҳра доштанд ва намехостанд ба рӯйи худашон биёваранд. Ба навъе мехостанд дар айни зиндагии ҳамроҳ бо тарсу ноумедӣ як тавре канор биёянд. Аммо тавре вонамуд мекарданд, ки гӯё аз чизе хабар надоранд. Ман бо ҳамон зеҳни кӯдаконаам мехостам бидонам барои чӣ ин қадар нигаронанд?!

Пиёдаравии тӯлонӣ боис шуд, то зудтар аз расидани вақти хӯроки нимрӯзӣ гурусна бишавам. Хеле дӯст доштам зудтар сару каллаи падарам пайдо шавад, то якҷо ба ошхона биравем. Аммо медонистам, бо вуҷуди ин занаки рус, то хӯрдани ғизои нимрӯзӣ мебоист хеле сабр кунам.

Убуру мурури мошинҳо дар хиёбони Ленин, ки нисбатан куҳна ҳам буданд, бароям тозагӣ дошт. Ҳар он худамро ба унвони ронанда, пушти фармони автомобилҳое, ки дӯст доштам, тасаввур мекардам. Дар хаёлам завқ доштам пушти фармони автомобилҳои калонтар бинишинам.

Дар чашмандозам аз интиҳои хиёбон як троллейбусро дидам. Ором-ором қад-қади хиёбон дар ҷиҳати мухолиф ба тарафи мо ҳаракат мекард. Бештар аз бузургии троллейбус, он ҷараққаҳои кӯчаке, ки гоҳ-гоҳ бар сари шохакҳои троллейбус зада мешуд, таваҷҷуҳамро ҷалб мекард. Аз соиши ду шохаки баланди болои сари троллейбус, ки ба симҳои лухти болои хиёбон кашида мешуданд, мешуд фаҳмид, ду шохаки троллейбус ба иловаи симҳои барқи

болои сари троллейбус хеле кухна буданд.

Бар асари соиши ин шохакҳо ба симҳои барқи болои хиёбон ҷароққаҳои зиёдеро медидам, ки барои ман зеботарин ҷилваи басарӣ ба ҳисоб меомад. Дӯст надоштам чашм аз таркидани ҷароққаҳо бардорам. Ҷароққаҳо мисли ситораҳои кӯчаке буданд, ки умрашон кӯтоҳтар аз сонияҳо ба ҳисоб меомад, ситораҳое, ки шабҳо дар осмони русто бо нигоҳам ба дунболашон медавидам. Хусусан, вақте шаҳобсангҳо бо шитоби тамом дар осмон аз нуқтаи номаълум ба нуқтаи дигар меҷаҳиданд ва сипас маҳв мешуданд.

Мекӯшидам ба шайтанат кардан дастамро аз қуфли чанголи дасти зани рус бикушоям ва ба наздикии троллейбус рафта, марги ҷароққаҳоро хубтар тамошо кунам. Аз ноороми ман каме қавоқҳояш дар ҳам фуру рафт. Дуруст мисли қабл аз меҳрубон шуданаш шуд, яъне, пеш аз ин ки поям дар чуқурӣ биафтад.

Бо нигоҳҳои тундаш ба истилоҳ ме хост аз ҳамон оғози ошноӣ маро тарбият кунад, аммо инро ҳам хуб фаҳмид,

ки аз дидани ҷараққаҳо наметавонистам аз сари шавқ худамро идора кунам.

Ба далели оромиши шиканандае, ки бар фазои хиёбон ҳоким буд, зани рус ҷуръат намекард, маро ба ҳоли худам, он ҳам ба хотири бозигӯшиҳоям раҳо кунад. Бо вуҷуди буҳрон ва ҷанги миёни гурӯҳҳои сиёсӣ дар шаҳри меҳолуди Душанбе, ҳузур бедалел дар хиёбонҳои шаҳр чандон мақбул ба назар наме расид. Ҳар лаҳза имкон дошт, фазои ба зоҳир ором мубаддал ба саҳнаи хушунатомези ҷанги мусаллаҳона шавад. Бо ҳамаи ин нигарониҳо, боз мардум саъй мекарданд дар камтарин замон, каме ҳам ки шуда, ба зиндагияшон бирасанд. Гӯё ин лаҳзаҳои ором монанди гавҳари гаронбаҳое буд, ки мебоист аз ҳамин миқдораш ҳам ки мавҷуд аст, баҳраи зиёд бояд бурд.

Ҳамаи имконоти зерсохтӣ ва бунёдии шаҳр ба далели ноамнӣ ва ҷангҳои хиёбонӣ куҳнаву фарсуда шуда буданд. Қиёфаи автомобилҳо, хусусан троллейбусе, ки дар нигоҳи ман ба самти мо ме омад, монанди гузашта, яъне, даврони ҳокимияти Ҳизби коммунист бар Шӯравӣ, созу тоза набуданд. Лизо камтар

мешуд автомобили ҷадидеро дар хиёбонҳои шаҳр пайдо кард.

Мардум ногузир барои каме зиндагӣ кардан маҷбур буданд, бо ҳамин кухнагии троллейбусҳо ва бо ҳазорон мушкиле, ки вуҷуд дошт, ба наҳве канор биёянд. Чаро ки роҳе ба ғайр аз сабру таҳаммули шароити сахти зиндагӣ надоштанд.

Маҳви тамошои таркидани ҷарақҷаҳо (шарора) ва кашида шудани сари ду шохаки троллейбус ба симҳои барқии болои сараш будам, ки неши нохунҳои тези зани рус ба хотири муҳкам гирифтани банди дастам кам-кам дар гӯшту пӯстам фуру мерафт. Ӯ вақте бо дасти дигараш рӯйи шикамаш мекашид, гоҳе нолаи хафиф ҳам сар медод. Намедонам, чӣ иттифоқе даруни шикамаш меафтод, ки зани рус бо асабоният ба кӯдаки дарунаш ба забони русӣ ҳарф ҳое мезад. Аз ин кораш мутааҷҷиб шудам. Мешуд то ҳудуде фаҳмид, маншаи асабонияти ӯ чист, мисли ин ки кӯдак ба деворaҳои шикамаш лагад ме зад. Дарки ин саҳна каме барои ман сахт буд, чаро ки баъд аз асабоният ва ҳарфҳои тундаш ба якбора лаҳни

каломаш дигар шуда, шурӯъ кард ба меҳрубонӣ бо шикамаш ҳарф задан. Ин тазод дар рафтори ӯ манро хеле гиҷ мекард.

Қарори мулоқот бо падарам, наздики истгоҳи троллейбус рӯбарӯйи дукони як суратгирхонаи маъруфу қадимӣ дар он хиёбони марказӣ гузошта шуда буд.

Дуруст дар 35-метрии мо як истгоҳи троллейбус дар он сӯи хиёбон, дар ҷиҳати мухолифи ҳаракати мо қарор дошт. Мардуми зиёде канори истгоҳ мунтазир истода буданд. То андозае мешуд фаҳмид, касоне ки мунтазири троллейбус истодаанд, ба зоҳир аз аҳолии русто ё атрофи шаҳри Душанбе ба ҳисоб меомаданд, афроде, ки ба хотири фақир будан ва ба иллати камбуди василаи нақлияи умумишаҳрӣ ночор бо ҳазор бадбахтӣ савори ҳамин троллейбусҳои қадимию куҳна мешуданд.

Зани рус, ки маълум буд дард мекашид ва аз чеҳрааш аён буд, ки сахт нигарон аст, ором-ором маро ба канори пиёдарав кашонд, то дар васати пиёдарав монеи убуру мурури дигарон нашавем. Барои лаҳазоте аз пушти

шишаи витрини суратгирхона ба аксҳои сиёҳу сафеди қадимии замони ҳокимияти Иттиҳоди ҷамоҳири Шӯравиро бар минтақаи Тоҷикистон, бо ҳасрат менигарист. Он қадар машғули дидани аксҳо шуд, ки чандон мутаваҷҷеҳи ману талошам барои раҳо шудан аз дасташ набуд. Банди дасти маро сахт гирифта буду дар хаёли худаш сайр мекард. Нигоҳе ба соати кӯчаки дастияш андохт. Гӯё ваъдаи дидор бо падарам ҳар лаҳза наздику наздиктар мешуд.

Дар он фазои хокистарӣ дар ибтидои тирамоҳ, ки осмон пур аз тӯдаи абрҳои тира шуда буд, мекӯшид, то ба ҳамрехтагии сару рӯяшро аз тариқи инъикоси чеҳрааш дар шишаи мағозаи аккосӣ мураттаб кунад. Бо ноорромиҳои кӯдаконаам мехостам, то ба ҳар тариқе ки шуда, дастамро аз чанголаш раҳо кунам. Ин корам ӯро хеле меранҷонд ва шояд тамаркузашро ба ҳам мерехт. Ногаҳон асабонӣ шуду ба ночор маро дар миёни ду сутуни кашидаиронҳояш мисли гира зери домани кӯтоҳаш ба иҷбор зиндонӣ кард.

Чӣ кунам?! Ман бо иштиёқ ҷараққаҳоро тамошо мекардам. Бо ин вазъияте,

ки бароям ба вуҷуд оварда буд, аслан наметавонистам таркидани ҷароққаҳоро ба хубие, ки дилам мехост, бибинам. Хеле аз дасташ асабонӣ шудам. Дилам мехост як гази сахт аз ронҳои сафедаш бигирам, то аз дард ногузир шавад маро аз миёни ду лингаш раҳо кунад. Аммо вақте ба ёди бӯсаи муҳаббатомезаш меафтодам, аслан наметавонистам роншро газ бигирам. Аз сӯе ҳар лаҳза имкон дошт, падарам бирасад. Бадтар аз ҳар чиз наметавонистам хуб нафас бикашам. Хушбахтона, ду дастам зери доманаш раҳо буданд. Ба фикри чорае афтодам, хеле ором доманашро боло додам, то ҳадди ақал ҷароққаҳоро беҳтар бибинам.

Мардум дар истгоҳи троллейбус барои зудтар савор шудан дар сафи номуназзам мехостанд аз якдигар сабқат бигиранд. Камтар кӯдакеро дар байни одамҳои мунтазир медидам. Танҳо як тифли ширхора пистон ба даҳон дар оғӯши очааш ҷо хуш карда буд, ки хушбахтона чизе аз ҷангҳои шаҳрвандӣ ва рӯзгори одами бузургтарҳо намефаҳмид.

Троллейбус ҳамин тавр аз ҷиҳати мухолифи мо дар пиёдарав ба истгоҳ наздиктар мешуд. Нури ҷароққаҳо ба вузӯҳ хушрангтар мешуданд.

Ҳавосам набуд, домани занакро беихтиёр бештар аз андоза боло додам, ки боиси ҷалби таваҷҷуҳи дигарон, хусусан нигоҳи мардон дар пиёдарав гардид. Занак мутаваҷҷеҳи чашмҳои шаҳватбори мардоне шуд, ки ӯро бо нигоҳ мехостанд бихӯранд. Ба илова асорати ман дар миёни ронҳои кашидаву сафедаш таваҷҷуҳи мардонро бештар ҷалб мекард.

Бидуни ин ки чизе ба ман бигӯяд, муҳкам бо пушти дасташ, ки ангуштарии издивоҷаш дар ангушташ буд, ба рӯйи дастам кӯфт. Дард то аъмоқи ҷонам русух кард. Ба якбора тамоми меҳре, ки нисбат ба занаки рус пайдо карда будам, табдил ба буғзу нафрат шуд.

Аз дард тоқат наёвардам ва бо садои ором задам зери гиря. Паҳнои рӯям мамлу аз ашк шуд. Тарии гунаамро ҳамроҳ бо биниям аз қасд ба дохили ронҳояш пок кардам ва аз амд оби димоғамро боло кашидам. Мехостам мутаваҷҷеҳи коре, ки бо ман кард,

бишавад, вале ҳеч эътиное накард. Намедонам, ба чӣ коре ин қадар машғул буд, ки аз молидани бинием ба қасди пок кардани хилти димоғам ҳеч гуна вокунише нишон надод.

Бо эҳтиёт талош кардам каме ҷобаҷо шавам ва худамро каме ба поинтар бикашонам, то барои дидани ҷаққаҳо ниёзе ба боло задани доманаш набошад. Аз зери доманаш каме сарамро берун овардам. Нигоҳе ба чеҳрааш андохтам. Ибтидо шиками бузургу баромадааш, ба илова ду пистони калонашро дидам, то ин ки ба сахтӣ тавонистам ду сӯрохи бинияшро ҳам аз он поин бибинам. Мутаваҷҷеҳ шудам, кифашро дар зери бағал гирифта, дар баробари оинаи кӯчаке, ки дар даст дошт, мекӯшид худашро дубора бодиққат ороиш кунад. Ба лабонаш сурхӣ молида, ду лаби болову поинашро рӯйи ҳам месойид.

Аз он боло барои як лаҳза нигоҳаш дар нигоҳи ман гиреҳ хӯрд. Тавъам бо хашм абрӯҳояшро ба аломати асабоният ба ҳам гиреҳ зад. Аз тарси нигоҳаш сарамро ба зери доманаш қоим кардам.

Дучори тангии нафас шудам. Бадтар аз ҳар чиз бӯйи бади поини танааш, ки маълум набуд аз куҷо хориҷ мешавад, кам-кам ҳоламро ба ҳам мезад. На ба он атри хушбӯе, ки аз қисмати болои танааш пеш аз ин машомамро навозиш карда буд ва на ба ин бӯйи ганде, ки аз поини танааш дар он фазои баста кам-кам нафас кашиданро бароям пурзаҳмат мекард. Кам-кам гиҷ мешудам. Мисли ин мемонд, ки занак муддат ҳо баъд аз туалет рафтан худашро нашуста бошад. Аз рӯйи кунҷковӣ ҳам ки шуда, дар зери доманаш нигоҳе ба болои сарам, яъне, ба поинтанаи занак кардам. Барои аввалин бор кашф кардам, ки занҳо мисли мардҳо чизи изофӣ дар қисмати пеши поини танаа шон надоранд.

Қаблан фарқи одамҳоро дар бузургию кӯчакӣ, дар наҳваи либос пӯшиданашон ва ҳомила шудану нашуданашон мефаҳмидам. Ҳатто, тасаввурам аз ба дунё омадани кӯдакон ин буд, ки бо буриш дар паҳлуи занон навзодҳоро аз шиками модарон берун меоваранд.

Ҳавои бади зери домани занак ба вежа гармои ношӣ аз боди бисёр

бадбӯе, ки аз худ раҳо мекард, мӯҷиб гардид, то аз асабоният кам-кам баҳонагириҳоям шурӯъ шавад. Пеши худам фикр кардам, ин занак худаш намефаҳмад, зери доманаш хеле гарму бадбӯст?!

Аз худам пурсидам: «Магар ин занак лаҷан (оби ифлос) мехӯрад, ки ин қадар бӯйи ганд аз ӯ берун мезанад?».

Аз рӯйи тарс ва муҳимтар ба далели хиҷолат ҳам ки шуда, наметавонистам ба ӯ эътироз кунам. Бештар дилам барои падарам сӯхт. Шояд намедонист зери танаи ин занаки рус хеле бадбӯст, вагарна бо ӯ издивоҷ намекард. Танҳо чизе, ки боис мешуд каме нафас кашидан ёдам биравад ва мутаваҷҷеҳи бӯйи ганд нашуда, он аҳволи вахимро таҳаммул кунам, фақат шавқи дидани ҷароққаҳо буд, аммо билахира маҷбур шудам биниямро ба дохили ронаш фишор диҳам, то натавонам аз роҳи бинӣ нафас бикашам.

Ором-ором сарамро бо заҳмати зиёд аз миёни ду ронаш поин кашидам. Ин бор бидуни ин ки комилан домани ӯро боло бибарам, саъй кардам, каме сарамро аз доманаш берун бисозам, то

маҷбур нашавам лабаи поини домананшро боло бизанам. Боз ин раҳгузарон, баъзан аз рӯйи тааҷҷуб ҳам ки шуда, ба мани гирифтор дар миёни ду линги занак менигаристанд. Ӯ ҳам бетаваҷҷуҳ ба дигарон худашро ҳамчунон ороиш мекард.

Ором-ором троллейбус пеш меомад ва кам-кам метавонистам ронандаи троллейбусро, ки ҳудудан пирамарди солрафтае ба ҳисоб меомад ва тоқии чаҳоргӯшаи тоҷикӣ ҳам ба сар дошт, бибинам. Шабеҳи бобоям буд. Шояд ҳам каме ҷавонтар нишон дода мешуд.

Бӯйи ганди поини танаи занак аслан на тамомӣ дошт ва на мегузошт, то аз равшану хомӯш шудани чароққаҳо лаззат бибарам. Даруни троллейбус иддаи зиёде рӯйи курсиҳо нишаста, ё рӯйи по истода буданд.

Мунтазирин, ки нисбатан аз зарфияти троллейбус бештар буданд, бо чеҳраҳои нигарону хаста, канори тоблуи истгоҳи троллейбус, ки чандин тир ба синаи он расида буд, истода буданд. Ҷамоати мунтазир чашм аз троллейбус барнамедоштанд. Шояд дар хаёлашон

нақшае мекашиданд, ки чӣ тавр зудтар бидуни муаттал савор шаванд.

Ҳанӯз худашро ороиш мекард. Ман ҳам аз бӯйи ганд ногузир нигоҳе аз зери доман ба болои сарам андохтам. Мутаваҷҷеҳ шудам, таҳпӯше, ки занак пӯшидааст, хеле касифу чиркин аст.

Як он садои ҷаραққаҳо ҳавосамро ба худаш ҷазб кард. Троллейбус наздиктар мешуд. Ронанда тоқияшро каҷ рӯйи сараш гузошта буд ва бо хаёли роҳат ронандагӣ мекард. Гоҳе бо лабханд ба самти канораи чапи худаш, яъне, мобайни курсии ронанда ва тирезаи троллейбус таваҷҷуҳ мекард. Бештар диққат кардам. Дидам, як духтари кӯчак, тақрибан ҳамсиннусоли худам, шояд ҳам каме аз ман хурдтар, канори пирамард истодааст. Аз нигоҳҳои муҳаббатомези пирамард ва тиккаҳарфҳое, ки дар ҳини ронандагӣ ба духтарчааш мегуфт, ки ман наметавонистам бишнавам, дар хаёлам ба ин натиҷа расидам, ки эҳтимолан ин духтарак боистӣ набераи пирамард бошад.

Ҳар чӣ троллейбус пештар меомад, гирдии рӯйи духтарча барои ман намоён тар мешуд. Кам-кам сӯзанакҳоеро, ки

гули зардранге бар рӯяшон буд ва бар мӯйҳояш худнамоӣ мекард, метавонистам бо заҳмат бибинам. Зардии гулҳои сӯзанакҳои рӯйи мӯйҳояш бештар аз ҳар ранге дар нигоҳи ман ҷилва мекард.

Ҳар чӣ троллейбус наздиктар мешуд, чеҳраи пирамард ва чеҳраи резнақши духтарча барои ман возеҳтар мешуд. Аз он фосилае, ки нисбат ба ман камтар мешуд, метавонистам аз шона ба болои духтарчаро бибинам, ки байни тиреза ва курсии ронанда, канори пирамард истода буд. Мӯйсафед гоҳе ҳангоми ронандагӣ дасти навозиш ба сари духтарак мекашид. Маълум буд, духтарча барои ронандаи пир хеле азиз аст. Шояд эҳсоси пирамардро дар он синнусоли каме, ки доштам, метавонистам нисбат ба духтарча аз он фосилаи начандон дур бифаҳмам. Нигоҳам миёни духтарчаву пирамард дар рафтуомад буд, ҳарчанд азоби фишори миёни ду рони занаки рус ҳам баъзан ҳавосамро аз диданиҳое, ки бароям муҳим буданд, парешон мекард.

Бӯйи бад ҳамчунон азобам медод. Дӯст доштам, агар метавонистам аз он зер худамро раҳо кунам. Кам-кам ба ин

натиҷа расидам, ки дастамро боло бурда, таҳпӯши занакро, ки бӯйҳои нохуш аз он меомад, поин кашида, аз танаш дур карда партоям. Аммо ҳадс мезадам, агар дастам ба ҷое аз поинтанаи занак бихурад, сахт танбеҳам хоҳам кард.

Вақте муҷаддадан садои ҷаранггаҳо ба гӯшам расид, сарамро аз зери доманаш берун карда, боз мутаваҷҷеҳи ҷаранггаҳо ва сипас дидани чеҳраи духтарча шудам. Дидам, пирамард дар ҳамон ҳолати ронандагӣ бо як даст зери бағали духтарчаро гирифт ва ӯро гузошт дар секунҷи самти чап, рӯйи токчаи канори дармони троллейбус. Духтарча он қадар резнақш буд, ки гӯйӣ пирамард як лӯхтакро барои тазйин дар баробари дидагонаш қарор додааст. Намедонам чаро?! Вале ҳисси ҳамзотпиндории аҷибе нисбат ба духтарча пайдо кардам.

Ҳама чизи духтарчаи кӯчак барои ман ҷолиб буд, ба вежа мӯйҳои дарозаш, ки мисли ду ресмони борики бофташудаи дароз аз ду тарафи гарданаш то миёнаш овезон шуда буд. Ҷолибтар ин ки мисли духтарони болиғ, кифи кӯчаке ҳам рӯйи шонааш дошт, кифе, ки

сахт ба худ часпонда, аз худаш ҷудо намекард. Ҳар чӣ қадар троллейбус ба мо наздиктар мешуд, чеҳраи шоду муҳаббатомези пирамардро нисбат ба духтарча бештар медидам. Дар он шароити ранҷовар замон хеле кундтар аз сонияҳои маъмулӣ мегузаштанд. Ҳама чиз ба оромӣ пеш мерафт. Ангор, касе мехост, пеши ҳаракати чархи замонро бигирад, аммо зӯраш намерасид.

Аз вазъияте, ки доштам, хеле калофа шудам. Нигоҳе аз поин ба рӯи занак андохтам. Ин бор тавъам бо васвос ба абрӯҳои зардрангаш қалами сиёҳ мекашид. Агарчи шиками дамкарда ва синаҳои бузурги ӯ каме музоҳими диди ман мешуд, аммо бо ин ҳол бо талоши бештар дидам, мижаҳои чашмонашро бо диққати фаровон бо чизе сиёҳ мекард. Навбат ба шишаи одеколонаш расид, чандин поф ба синаву гарданаш зад. Метавонистам дар он фазои бадбӯе, ки гирифтораш будам, каме аз бӯйи хуши одеколонаш, ки ба сурати булурҳои бисёр рез ба оромӣ поин мерехт, истишмом кунам. Вақте бӯйи хуши одеколон ба машомам расид, ангор, ҳавои тоза вориди шушҳоям шуд. Вале

чизе нагузашт, ки дубора ҳама чиз баргашт сари ҷойи худаш ва аз таҳпӯши чиркинаш бӯйи бадтар аз бӯйҳои гузашта бо садои бод берун омад, ки каме ҳам тарсидам.

Аз асабоният мехостам бо лӯлаи туфангам муҳкам бизанам ба зери шикамаш, лекин дудила шудам. Тарсидам, чаро ки мумкин буд сахт маро лат бикунад. Ночор димоғамро ба дохили ронаш муҳкам часпондам, то бӯйи гандашро истишмом накунам. Монда будам, ин ҳама бодро аз куҷо оварда, ки мудом рӯйи сари ман холӣ мекунад?! Дилам барои кӯдаке, ки дар шикамаш дошт, сӯхт. Бо худ андешидам, ки ӯ даруни ин ҳама боди бадбӯ чӣ гуна зиндагӣ мекунад!?

Дар он ҷанги шаҳрвандӣ теъдоди троллейбусҳо барои ҷобаҷо кардани мардум бисёр кам буд. Ба илова симҳои барқрасонӣ ба троллейбусҳо низ мудом канда мешуду бадтар аз ҳар чиз ба хотири бепулӣ коргарон ба сахтӣ метавонистанд онҳоро дуруст бикунанд. Ногузир бештари мардум ночор мешуданд, пойи пиёда аз масирҳои нисбатан дур ва амн роҳи худро тай кунанд. Ба

ҳамин далел, агар троллейбусе зоҳиран солим буд ва метавонист табиатан мамлу (пур) аз мусофир мешуд, танҳо дар масирҳои мушаххас ва бехатар мисли хиёбони марказӣ мардумро ҷоба ҷо мекарданд.

Мӯйҳои духтарча аз пушти шишаи пеши троллейбус дар нигоҳи ман он қадар ҳунармандона ба ҳам бофта шуда буданд, ки бо такон хӯрдани троллейбус дар дастандозҳои хиёбон, ин ду ресмони мӯйи духтарча бо он латтачаи сурхе, ки ба сари ин ду ресмон буд, ба зебоӣ ба ин сӯю он сӯ парешон мешуданд. Инъикоси сояи дарахтони қадкашида ба осмон канораҳои хиёбони марказӣ бар шишаи пеши троллейбус ҷилваи зебое аз убури нур ва сояҳои шохсоронро ба ҳамроҳи рақси мӯҳои бофтаи дуртарча ба намоиш мегузошт.

Ба иллати зангзадагӣ ва фарсудагии фанарҳои зери ду шохаки болои троллейбус, на танҳо садои ҷир-ҷири куҳнагӣ сар медод, балки боис мешуд, то пирамарди ронанда эҳтиёткорона троллейбусро ронад. Гӯё ӯ аз тарси ҷудо шудани ду шохак аз симҳои барқрасон наметавонад троллейбусро коми-

лан ба канори хиёбон ҷиҳати пиёда шудан ё савор шудани мусофирин ҳидоят кунад. Бино бар ин роҳе надошт, илло ин ки дар васати хиёбон, он ҳам бо эҳтиёти зиёд, троллейбусро дар як масири мустақим пеш бибарад, то мабодо дар ҷобаҷоии троллейбусҳо фанарҳои зери ду шохак бишкананд. Агар ин иттифоқ рух медод, номумкин ба назар мерасид, ки троллейбусро дуруст кунанд. Рангпаридагии баданаи троллейбус ба ҳамроҳи шикастагии бархе аз шишаҳои он, троллейбусро ҳамчун як ҳашараи мариз ҷилва медод.

Аз нигоҳи ман ду шохаки троллейбус ба монанди ду шохаки як гамбусаки бузург мемонд. Ҳатто хаёл мекардам, ки ин ҳашара бисёри бад пуриштиҳо аст, ки ба навбат одамҳои интизористода дар истгоҳҳоро мехӯрад.

Билахира троллейбус дар 35-метрии мо ногузир дар васати хиёбон, албатта, каме мутамоил ба канора истод. Ба ҳамин далел роҳ банд шуда, мошинҳои дигар аз пушти троллейбус қодир ба ҳаракат ба пеш набуданд. Мошинҳои монда дар қафои троллейбус наметавонистанд аз фазои маҳдуди самти

чапи троллейбус сабқат бигиранд, зеро теъдоди мошинҳое, ки аз ҷиҳати муқобили троллейбус бо суръат мегузаштанд иҷоза намедоданд, то мошин ҳои пушти троллейбус аз тарси тасодуф аз канора сабқат бигиранд.

Бӯйи одеколон дигар ба машомам намерасид ва дубора бӯйи ганди зиёдеро бояд таҳаммул мекардам, бӯе, ки ҳар бор хеле бадбӯтар аз қабл ба назар ме расид. Пеши худам фикр кардам, чаро занаки рус ин қадар боди меъда дорад, ҳатто ба назарам расид, шояд гундагии шикамаш ба хотири боди зиёд аст. Шояд ҳам занак аз қасд гази меъдаашро раҳо мекард, то манро адаб кунад. Ҳар чӣ бо ақли кӯдаконаам фикр кардам, собиқа надошт кӯдакеро бихоҳанд бо боди маъда танбеҳ кунанд. Дар натиҷа каме ба занак шак кардам, ки мабодо занак худаш шикамашро бод карда, баъд ба падарам гуфта ҳомила аст. Пеши худам фикр кардам, агар як сӯзан медоштам, фуру мекардам дар зери шиками занаки рус, то мисли пуфак битаркад.

Аввалин мошине, ки ба ночор пушти троллейбус гир афтода, наметавонист

роҳи худро давом диҳад, як ҷипи сиёҳ-ранги нави сиёҳшиша буд, ки ҳеч рақаме ҳам надошт. Дар он замон ин гуна мошинҳои люкси гаронқимат ғолибан мутааллиқ ба яке аз гурӯҳҳои сиёсӣ буд, ки метавонистанд дар шаҳр худнамоӣ кунанд.

Ҷамъияти ҳозир аз пиру ҷавон бе-саброна мехостанд ба зӯр ҳам ки шуда, савори троллейбус бишаванд. Бечора ронандаи троллейбус ба далели пирию нотавонӣ дар идораи мусофирин ама-лан коре наметавонист анҷом диҳад, фақат пайваста фарёд мекашид, ки ман баъзан ба сурати номафҳум ва бурида-бурида метавонистам баъзе калимо-ташро дар лобалои фарёдаш бишна-вам. Ӯ бо садои баланд ба мардум пушти сари ҳам исрор мекард, ки: «Троллейбус вайрон аст ... Оҳиста ... Ин чӣ тур инсонгарист...?! »

Духтарча тарсону ваҳшатзада дар он кунҷи троллейбус ба ҳуҷуми одамҳо ба дохили троллейбус нигоҳ мекард ва пайваста бо дастони кӯчакаш ба ҳуҷуми мусофирин ишора мекард, то ба ҳанго-ми савор шудан ба пирамард осебе нарасонанд, чаро ки ронанда намета-

вонист пеши фишори одамҳоро бигирад. Хусусан ибтидо ин мардҳои ҷавонтару танумандтар буданд, ки шитобзада ва бо зӯрмандӣ дохили троллейбус мешуданд.

Рафтори пирамард нишон медод, бештар аз ҳар чиз, нигарони духтарча буд, то мабодо дар ҳуҷуми одамҳо осебе бибинад. Ба ҳамин сабаб пирамард як дасти худро чун сипари дифоӣ барои муҳофизат аз духтарча муқобилаш гирифта буд. Духтарча он қадар тарсида ва ваҳшатзада буд, ки пирамард сахт нигарон шуд. Бо муҳаббат ва дӯстдорӣ духтарчаро навозаш карду зуд рӯяшро бӯсид, то ба ӯ бифаҳмонад, ҷойи нигаронӣ нест. Пас аз он барои муҳофизати бештар аз духтарча ӯро дар фазои миёни тиреза ва курсии ронанда қарор дод, то ҳадди ақал пуштии курсӣ монанди сипари дифоӣ аз духтарча муҳофизат кунад. Дар ин ҳангом фишори мусофирин барои савор шудан зиёдтар шуд ва пирамард қудрати онро надошт, то аз ҳуҷуми одамҳо пешгирӣ кунад. Пирамард ба ҳар сахтӣ мекӯшид бо он бадани наҳифу лоғар мусофиронро ҷобаҷо кунад. Медидам мардҳои

зӯрманд бе мулоҳизаи ҳар чиз ба ҳангоми дохил шудан чӣ гуна пирамардро дар айни нотавонияш тела медоданд ва ӯро надида мегирифтанд.

Духтарча аз рӯйи дилсӯзӣ нисбат ба пирамард ҳамчунон дастони кӯчакашро аз фазои мобайни тиреза ва такягоҳи курсии ронанда нигаҳ дошта буд. Ба хаёлаш ин кори ӯ метавонист аз ҳуҷуме, ки ба пирамард фишор меоварад, пешгирӣ кунад. Аз ҳама бадтар ин ки гӯё касе намехост дар он кунҷи троллейбус духтарчаро бо он дастони ларзон бибинад.

Аз он фосила эҳсос мекардам ва дар тахайюли худ мепарварондам, ки ҳатман духтарча буғз дар гулӯ ва бо лабони овезон мегиряд. Беихтиёр бо тамоми эҳсоси кӯдаконае, ки доштам, бо нигаронихои духтарча дар хаёлам ҳамроҳӣ мекардам. Ҳадс мезадам, падару модари ин духтарча ҳам мисли очаи бечораи ман дар ҷанги гурӯҳҳои мусаллаҳ кушта шуда бошад. Ин гумоне буд, ки нохудогоҳ дар зеҳнам пайдо шуд. Ба ҳамин хотир дилам ба ранҷу азобе, ки мекашид, хусусан буғзе, ки дар гулӯ дошт, гувоҳӣ медод.

Ҳамчун қабл дар зиндони пурфишори ду рони пурзӯри занак бо тамоми нафастангиҳо меҷунбидам, то шояд ҳавое дар сина тоза кунам. Аммо занак аз рӯйи асабоният пошнаи баланду тези кафшашро барқасд рӯйи поям гузошт ва каме фишор дод. Фарёдам аз зери доманаш ба осмон расид. Дигар тоқат наёвардам ва буғзам таркид. Ҳой-ҳой гиристам. Зуд пошнаи кафшашро аз рӯйи поям бардошт. Бечора худаш ҳам каме тарсид, вале ба рӯйи худ наёвард.

Мошини сиёҳранг бо он убуҳҳату шукӯҳе, ки аз худ ба намоиш мегузошт, барои чандумин бор бӯқи (сигнал) давомдор зад, то пирамардро мутаваҷҷеҳи худ созад, ки роҳро банд оварда, ӯ пушти троллейбус хеле мунтазир истодааст. Ҷолибтар ин ки садои бӯқи мошини сиёҳранг бо дигар мошинҳои қадимӣ ва русӣ, ки дар шаҳри Душанбе вуҷуд доштанд, фарқ мекард.

Мошини сиёҳ бо каме пасу пеш рафтан, мехост барои худаш роҳеро пайдо кунад, то як тавре аз самти чапи троллейбус убур кунад. Аммо ҳаракати босуръати мошинҳо аз рӯбарӯ барои мошини сиёҳ маҷоле намегузоштанд, то

ӯ битавонад бигзарад. Ба илова пушти ин мошини сиёҳ дигар автомобилҳо ҳам мунтазир буданд, то ба маҳзи ҳаракат кардани троллейбус аз канораш убур кунанд.

Ранги сиёҳи мошин алорағми дигар сиёҳиҳо ва ҳамчунин шишаҳои дудияш, дар нигоҳи умуми роҳгузарон ва дигароне, ки дар он атроф ҳузур доштанд, шукӯҳу убуҳҳати хосе дошт, ки нохоста нигоҳҳоро ба самти худаш мутаваҷҷеҳ месохт. Гӯё бо шаклу шамоилаш мехост дар дили одамҳо тарс эҷод кунад. Ҳамонанди як шахсияти боқудрат ва пул дор ба навъе мехост ба камбағалон ва мардуми хаста аз ҷанги кӯчаву хиёбон фахр бифурӯшад. Ба вежа даруни ин ҳама сиёҳии мошин, он ҳам аз пушти шишаҳои дудирангаш, касе дида наме шуд ва баданаи сиёҳаш ба монанди оина он қадар шаффоф менамуд, ки сояи дарахтони канори хиёбони марказӣ бар баданааш, хусусан бар шишаи муқобили ронанда ва рӯйи капоти он ҷилвае аз ранги сиёҳро ба намоиш ме гузошт, ба гунае ки рангорангии табиат ва сабзии дарахтонро дар инъикоси худ сиёҳ нишон медод.

Пирамард аз бӯҷҳои паёпай сахт дучори ташвиш шуд. Ногузир сарашро аз тирезаи канори худаш берун овард ва мутаваҷҷеҳи убуҳҳату шукӯҳи мошини сиёҳранг шуд. Каме тарсиду ҳайрон шуд. Аз рӯйи тавозуъ лабханде ба мошини сиёҳ зад ва дасте барои касоне, ки аз пушти шишаи дудирангаш намедид, такон дод. Хандаашро ба сахтӣ қурт дод ва бо нигаронӣ сари ҷояш пушти фармони троллейбус нишаст.

Охирин касе, ки ба сахтӣ савори троллейбус мешуд, ҳамон занаке буд, ки тифли ширхорашро муҳкам ба бағал дошт. Ӯ ба сахтӣ тавонист дохили троллейбус шавад. Ғайрати мардон дар ин ҷо каме ғалаён кард ва фазоро барояш боз карданд, гӯё касе садои гиристани навзодро шунид. Билахира марде ҷойи худашро ба ӯ дод.

Троллейбус шабеҳи қутии консерве аз одамҳои фишурдашуда мемонд. Ин одамҳои фирорӣ аз ҳам даруни ин қутича чунон ба ҳам часбида, ногузир канори якдигар истода буданд, ки нохоста гӯё ҳамдигарро дар оғӯш гирифта буданд. Ин одамони ба ҳам

фишурда ба пирамарди ронанда ҳам фишор меоварданд.

Троллейбус бо эҳтиёт ва хеле ором ҳаракат кард. Ман ки чашмонам гуруснаи дидани таркидани он ҷараққаҳо буданд, дӯст доштам ҳар чӣ зудтар троллейбус роҳ уфтад. Пирамард кӯшид, то троллейбусро каме ба канораи хиёбон мутамоил кунад, то роҳ барои мошини сиёҳ ва дигар мошинҳо боз шавад. Ҳудуди сӣ метре аз ҳаракати троллейбус нагузашт, ки фанарҳои зери шохак шикастанд ва ногаҳон ду шохаки троллейбус ба далели ҷобаҷоии ҳаракати он афтод. Мошини сиёҳранг ҳам бо аҷала мехост аз самти чапи троллейбус убур кунад, ки ногаҳон шохаки самти чапи троллейбус ба якбора ва бо шиддат ба рӯйи капоти мошини сиёҳранг афтод. Неши сари шохак аз рӯйи сатҳи капот ранги сиёҳро харошид ва ба кафи хиёбон афтод. На танҳо ҷойи фурурафтагии шохаки рӯйи капот ҷилваву убуҳҳати мошини сиёҳро аз қиёфа андохт, балки хатти амиқе низ бар асари кашида шудани сари шохаки рӯйи капот мисли захми амиқе дар чеҳрааш барои ҳамагон ба намоиш гузошт.

Дар нигоҳи мушоҳидакунандагон афсӯси тавъам бо тарсро ба ҳамроҳи чеҳраҳои яхзада метавонистӣ бибинӣ. Ҳама аз нигаронӣ мунтазири иттифоқе буданд. Мунтазир буданд, то бибинанд, ҳол чӣ касе ба унвони муътариз аз даруни мошини сиёҳ бо асабоният берун хоҳад омад ва муҳимтар ин ки чӣ акс уламале нишон хоҳад дод. Аммо аҷибтар он ки касе аз мошин берун наёмад. Гӯё худи мошини сиёҳ монанди як гови сиёҳи хашмгин мунтазир буд, то ронандаи пир бо илтимос ба назди ӯ равад ва аз рӯйи таъзим пешонӣ бар замин бисояд. Дар асари ин иттифоқ гӯё барои як лаҳза ҳама чиз аз ҳаракат боз истод, ҳатто гиристани навзод дар оғӯши очааш қатъ шуд.

Садои кӯбиши сари шохаки болоии троллейбус рӯйи капоти мошини сиёҳ он қадар шиддат дошт, ки занаки рус бе ирода ва аз рӯйи тарс то он ҷое, ки ҷо дошт, маро дар байни ду зонувонаш бештар аз лаҳазоти қабл мисли пресс фишурд. Дар ин гирудор эҳсос кардам, сару гарданам тар шуданд. Ҳамин тавр бӯйи ганди зери шиками занак ҳам ба якбора шиддат гирифт. Мисли ин

мемонд, ки ҳама гандтарин бӯйҳои олам аз поини танаи занак якҷо берун бизанад. Вазъият бароям хеле ғайриқобили таҳаммул гардид ва мисли мурғи сарканда миёни ду линги занак пар-пар мезадам. Талошамро бештар карда, мекӯшидам, то сарамро аз байни зонувони ӯ раҳо кунам, чаро ки мебоист бештар нафас мекашидам. Ҳамроҳи геристан ниқ-ниқ ҳам мекардам, то шояд занак вазъияти душвору риққатовари маро дар зери доманаш дарк карда, ҳадди ақал каме фишори зонувонашро камтар намояд.

Ибтидо пирамард мутаваҷҷеҳи иттифоқе, ки уфтода буд, нашуд. Замоне фаҳмид, ки троллейбус ба далели қатъ шудани барқ аз ҳаракат бозистод. Нигоҳи ҳама мусофирон ба шакли ҳуҷумӣ ба берун аз троллейбус дӯхта шуда, менигаристанд. Пирамард фаҳмид, мисли ин ки иттифоқе афтодааст. Сарашро аз тирезаи канори худаш берун овард ва умқи фоҷиаро дид. Ранг аз рӯяш парид! Тасаввур кардам, пирамард рӯйи лабаи тиреза сакта задааст. Аз чеҳраи мабҳуташ метавонистам бифаҳмам, ки иттифоқи хеле

баде афтодааст. Барои чанд сония чеҳраи пирамард комилан зарду яхзада шуд. Бо ин ки фосила доштем, аммо аз баста будани даҳонаш фаҳмидам, ки ҳатто ҷуръати нафас кашидан ҳам надорад.

Духтарча дар он сукут миёни лабаи тиреза ва синаи пирамард ба заҳмат ниме аз чеҳраашро боло дод. Бинӣ ба боло, яъне чашмону ду сӯзанаки зардранги мӯйҳояшро дидам. Ҳар ду дастонашро рӯйи лабаи тиреза гузошта буд ва мекӯшид худашро болотар бикашад, то он чи ҳамагон медиданд, ӯ ҳам бибинад. Дар ин байн нигоҳи ман бештар аз ҳар чиз мутаваҷҷеҳи зардии гулҳои рӯйи сӯзанакҳои миёни мӯйҳои сари духтарча буд.

Вақте аз шиддати дарди ношӣ аз фишори зонувони занак ба рӯи пирамард нигоҳ мекардам, нимаи нигарон ва барафрӯхтаи чеҳраи духтарчаро ҳам медидам, ки дар гардиши нигоҳаш нигоҳам ба барқи илтимоси чашмҳои ӯ барои чанд сония гиреҳ хӯрд. Вақте маро дар миёни ду пойи занак таҳти фишор дид, ба якбора чеҳраи нигаронаш аз дидани вазъияти ман тағйир

кард ва лабханде рӯйи лабонаш нақш баст. Ин бор ҷараққаи чашмони ӯ нигоҳи маро ба нимаи рӯяш қуфл кард. Барои ин ки ба ӯ қуввати қалб бидиҳам ва бигӯям, ки аслан ҷойи нигаронӣ нест, ибтидо туфангамро ба ӯ нишон додам ва хостам ба ӯ бифаҳмонам, ки ба мадади туфангам одами зӯрманде ҳастам. Дар хаёлам ҳамчунон мебофтам, ки аз он фосила қудрати маро тасдиқ мекард.

Кам-кам нигоҳҳои мардуми ҳозир дар троллейбус, хиёбон ва пиёдарав ба ин бовар мерасид, ки афроди дохили мошини сиёҳранг ба хотири ғурурашон аз мошин пиёда нашуда, эҳтимолан мутааллиқ ба одамҳои муҳимме аз гурӯҳ ҳои сиёсист. Ин ҳисси тарсро мешуд аз нигоҳҳои он одамҳои шахшудаву беҳаракат фаҳмид. Сукути ҳайратоваре дар хиёбони марказӣ ҳоким шуд ва ба назар мерасид, иттифоқи ғайримунтазирае рух додааст.

Занак ваҳшатзада беихтиёр рӯйи сару гарданам бадҷурӣ пешоб кард. Тарсидам сарамро аз рӯйи кунҷковӣ ба дохили доманаш бибарам, чун аз шиддати шир-шири пешобаш ҳатман

рӯям тар мешуд. Тақрибан тамоми пушти пероҳанам тар шуд, то он ҷое, ки рутубат ба шалворам низ расид.

Замон хеле ба кундӣ мегузашт. Ангор ҳар сония бароям ба андозаи як соат паси сар мешуд. Қоби кӯчаки оина ногаҳон аз дасти занак ором аз баробари дидагонам ба замин афтод. Шишаи даруни қобаш комилан хурд шуд. Фаҳмидам, иттифоқе афтода. Вақте ки дидам мушакҳои ронҳояш мисли санг сахт шуданд, фишори зиёде бар синаам меомад, ки маҷоле барои нафас кашидан боқӣ намегузошт.

Аз зӯри фишор чашмонам аз ҳадақа берун мезаданд. Ба илова дарди зиёде дар ноҳияи шикамам эҳсос мекардам. Фаҳмидам ва пеши худ фикр кардам, ки ин шиддати фишор набоистӣ аз рӯйи қасд бошад. Барои ин ки мутмаин шавам, ногузир бо лӯлаи туфангам чанд боре ба зери шиками дамидаи занак задам, то ҳадди ақал аз вазъияте, ки дар он қарор доштам, раҳоӣ пайдо кунам. Аммо вокуниши чандоне аз ӯ нисбат ба худам надидам.

Духтарча аз тарс худашро ба пирамарди ларзони ваҳшатзада часпонида

буд. Он қадар фазо ва нигоҳҳои дилсӯзона нисбат ба пирамард вазнин шуд, ки духтарча ин мавзӯъро ба хубӣ эҳсос мекард. Аз ин рӯ бо нигаронии ҳар чӣ бештар худашро ба оғӯши пирамард фуру мебурд. Духтарча мисли ин ки аз неши нигоҳҳои тараҳҳумомез паноҳе ба ҷуз оғӯши ӯ барои худаш намеёфт.

Ҳадди ақал интизор доштам, касе, ки пушти фармони мошини сиёҳранг нишаста, ҷиҳати эътироз ҳам ки шуда, бо асабоният аз мошин пиёда шавад ва ба пирамард тундзабонӣ кунад, лекин ҳеч вокунише дида намешуд. Ҳар чӣ қадар чашмонамро кӯчаку бузург кардам, то аз пушти сиёҳии шишаи мошин касонеро бибинам, натавонистам.

Фазо он қадар тарсовар шуд, ки тасаввур мекардам мошини сиёҳранг чун ҳайвони дарандае мехоҳад пирамардро ба монанди як луқмаи чарб бибалъад. Он қадар хаёлотӣ шуда будам, ки мошини сиёҳрангро дар ҳайбати як хирси гундаи сиёҳ медидам.

Пирамард духтарчаро бо бӯсаву навозиш ба сахтӣ аз худаш ҷудо кард. Дубора нимтанаашро аз тирезаи канории фармон берун дод. Гӯё намехост

бовар кунад, чӣ иттифоқе афтодааст. Зоҳиран  бо нигароние, ки аз гурӯҳҳои сиёсии силоҳбадаст дар зеҳни умуми мардум вуҷуд дошт, беихтиёр муҳкам рӯйи сари худаш зад. Тоқии тоҷикияш дар ҳам фуру рафт. Дубора сарашро барои бори севум аз тирезаи канори фармон берун дод ва дубора сахт бо кафи даст рӯйи сараш зад. Ин бор тоқӣ аз сараш ба кафи хиёбон, канори чархи пеши троллейбус афтод ва сари бемӯву калаш аз сафедӣ барқ зад. Саросема аз байни фишурдагии ҷамъият дар қисмати дари троллейбус убур кард ва бо ҳазор бадбахтӣ худашро ба берун кашонд. Бечора дучори тангии нафас шуд ва чанд бор ҳам сурфа кард. Бо он қомати хамида ва чеҳра пурожангу чинаш даст ба сина бо ҳолати узрхоҳӣ ба тарафи мошини сиёҳ қадамҳои сусте бармедошт. Умед дошт, то касе дар он шӯрбахтӣ ҳамроҳияш кунад. Бо чашмони сурхшуда, бо сурфаҳои хашдораш ба ҳозирин нигоҳи илтиҷоомезе кард, гӯё чашме ба андозаи пилк задан ҳам намехост ӯро ҳамроҳӣ кунад.

Ҳеч кас барои ҳамроҳии пирамард қадаме пеш нагузошт. Зонувонаш ёри-

яш намедоданд, то аз муқобили троллейбус убур кунад. Ба баҳонаи бардоштани тоқияш хам шуд ва аз канори чархи пеши троллейбус тоқияшро бардошт ва ба ҳолати аввалия дуруст карду рӯйи сараш гузошт. Дубора бо нигоҳаш аз ҳамаи чашмҳои яхзада ба одамҳои атрофаш илтимос кард, то шояд касе ҳамроҳияш кунад. Ҳеч кас гоме пеш нагузошт. Танҳо садои гиристани навзоде дар оғӯши очааш аз даруни троллейбус буд, ки фазои сукутро шикаст. Ҳатто калоғҳои бар сари шохсори дарахтони хиёбон ҳам эътиное накарданд.

Садои гиристани навзод пирамардро ба худ овард. Сарашро боло оварда, мутаваҷҷеҳи тирезаи канори фармони троллейбус шуд ва ба чеҳра духтарчааш, ки мамлу аз нигаронию тарс буд, нигоҳе кард. Ноумед чашм аз нигоҳи духтарча бардошт ва ҳамроҳ бо садои гиряи навзод бо қадамҳои ноустувор ба тарафи мошини сиёҳ қадам пеш гузошт. Ангор ин навзод буд, ки бо ҷеғ кашиданҳои пай дар пай аз пирамард мехост, ки пештар наравад.

Вақте ба убуҳҳат ва сиёҳии мошин бо он шишаҳои дудияш нигаристам, ба худам гуфтам: «Чӣ қадар бадахлоқ аст!»

Пирамард ба капоти захмии мошини сиёҳ бо ҳасрат нигарист, сипас рӯ ба шишаи пеши мошин карду гуфт:

«Бибахшед, узр... ман гуноҳе надорам ...».

Бо дастони ларзону хастааш ишора ба троллейбус кард ва идома дод: «Ин троллейбусҳо ҳамагӣ куҳнаанд... соҳибаш ман нестам ...»

Саҳнаи илтимос кардани пирамард ва нигоҳҳои ҳаросони духтарча аз лабаи тирезаи троллейбус шадидтар аз фишори зонувони занак маро дар хаёлам мучола кард. Аз тарафе аслан намефаҳмидам, чӣ иттифоқе рӯйи сару гарданам меафтад. Медонистам, пуштам тар мешавад.

Фишори одамҳои бузургтар аз пушт ба духтарча барои дидани илтимос кардани пирамард боис шуд, то духтарча миёни лабаи тиреза ва фишори одамҳои муштоқи дидани саҳнаи илтимоси пирамард пресс шавад. Ниҳоятан гиряи духтарча тавъам бо ҷеғи нотаво-

нии ӯ баланд шуд. Ба якбора дилам ҳуррӣ замин рехт.

Ҳеч кас мулоҳизаи кӯчаки ӯро аз он ҳама ғуссае, ки мехӯрд, накард. Баръакс, ҳатто, фазое барои нафас кашидан ҳам ба ӯ намедоданд. Гиристани навзоди даруни троллейбус ҳам қатъ шуд ва пирамард аз ҷеғи духтарча асабҳояш ба ҳам рехт. Чанд сурфаи хашдор карду рӯ ба одамҳои дохили троллейбус кард ва фарёд зад:

«Мулоҳизаи мани пирамардро намекунед, лоақал мулоҳизаи ин духтарчаро бикунед ...»

Аз рӯйи хиҷолату шармандагӣ каме аз гирду атрофи духтарча канор рафтанд, то ӯ каме нафас бикашад. Пирамард дубора баргашту бо он ҳама андӯҳ ба шишаҳои дудии мошин бодиққат нигарист. Мошини сиёҳ бидуни ин ки кӯчактарин ҳаракате кунад, бо равшану хомӯш кардани чароғҳои пеш аломат дод. Ибтидо пирамард тарсид ва каме ақибтар рафт. Ҳамагӣ хандиданд. Танҳо касе, ки нахандид духтарча буд. Албатта ман ҳам нахандидам.

Билахира ба андозаи ду ангушт шишаи тирезаи самти ронанда хеле ором

поин омад. Пирамард аз тарс наметавонист қадам пеш гузорад, то ин ки мошини сиёҳранг бӯқ зад. Пирамард бо чашмони мамлу аз илтиҷо ба атрофаш нигоҳе андохт. Умед дошт, то шояд касе аз миёни одамҳое, ки ба ӯ нигоҳ мекард, ҳамроҳияш кунад. Лекин хабаре аз ёрии касе нашуд.

Гиҷу манг бо гомҳои сусту ором ба тарафи шишаи тирезаи мошин рафт. Ҳамаи чашмҳо мунтазир буданд, то бибинанд, касе ки пушти фармони мошини сиёҳ нишаста, чӣ бархурде бо пирамард мекунад!? Гӯӣ нозирин фақат дӯст доштанд шоҳиди намоиши ранҷу нотавонии дигарон бошанд.

Ҳеч чашме ҷуръати пилк задан надошт, ки мабодо аз дидани як иттифоқи ҳаяҷонангез маҳрум шаванд. Гӯё одамҳои тамошогар бовар доштанд, ки ба эҳтимоли зиёд қарор аст, иттифоқи баде рух диҳад.

Мисли будоиҳо ду кафи дасташро ба аломати таслиму узрхоҳӣ ҷуфт кард ва рӯ ба рӯйи тирезаи мошини самти ронанда истод. Мунтазир буд, то дар баробари он ҳама илтимосу илтиҷо ҷавобе аз боби тараҳҳум аз он шикофи

дуангуштӣ бишнавад. Нохудогоҳ тарси аҷибе дар дилам авҷ гирифт.

Зоҳиран бо ишораи ангуште, ки фақат пирамард медид, таъзимвор ба шишаи тирезаи мошин наздиктар шуд. Сари ангуштонашро рӯйи лабаи шишаи тирезаи мошин гузошт. Аз он фосила дидам, ҳолати пирамард бештар аз лаҳазоти қабл дар ваҳшат фуру рафт. Гӯё зилзила бар андомаш афтода ё маликаи маргро дидааст. Дар ҳамон ҳолати зор мехост ҳарфе бизанад, аммо ба ӯ иҷоза дода намешуд. Пирамард сокит шуд. Нафаҳмидам, ба ӯ чи гуфтанд, ки сахт тарсида буд. Каме сарашро ба шикофи тиреза наздик кард. Барои ин ки беҳтар бишнавад, гӯши самти чапашро ба шикофи тиреза каме наздиктар кард. Дар ҷояш мехкӯб шуд, танҳо нимнигоҳе ҳарчанд хеле кӯтоҳ, дар андозаи умри як сония ба рӯи духтарча кард ва дубора нигоҳашро ба даруни шикофи тиреза бозгардонид.

Барои ин ки пирамардро беҳтар бибинам, бо тамоми қувва худамро дар он ҳама фишори миёни зонувони занак ҷобаҷо кардам. Ҳатто бемуҳобо доманашро боло додам, вале ин бор воку-

ниши тунде нишон надод. Дар андозаи зеҳни кӯдаконаам ҳадс мезадам, боистӣ занак аз ҳолати одӣ хориҷ шуда бошад, чаро ки ин бор муҳкам рӯйи дастам назад. Аз он поин як нигоҳи хеле гузаро ба боло андохтам, дидам, шах шудааст, мисли муҷассама моту мабҳут, ҳамин тавр собит мондааст. Танҳо ҷое аз баданаш, ки фаъол буд, сӯрохи поини танааш буд, ки сару гардани маро ҳамин тавр тар мекард. Сареъ нигоҳам-ро ба самти духтарча ва сипас ба қомати хамидаи пирамард мутаваҷҷеҳ сохтам.

Пирамард бо ҳолати залилона ва хиффатбор даҳонашро бино ба дар-хости касе, ки даруни мошини сиёҳ буд, боз кард. Як он лӯлаи туфанге аз шикофи тиреза берун омад ва ба даҳони пирамард фуру рафт. Тасаввур кардам, бо ин кор мехоҳанд пирамардро битарсонанд. Ҳанӯз сонияҳо ба поён нарасида буданд, ки ин бор ҷараққаи хеле заиф бо фишори газ аз даҳонаи лӯлаи туфанг бо шиллики як гулӯла чизҳоеро аз пушти сари пирамард ба берун паронд. Садои шиллики тир тамоми фазоро пур кард. Дар айни

нобоварӣ барои андак замоне сукут бар ҳамаи ҷо ҳоким шуд.

Дар нигоҳи ман пирамард ҳамчун одамҳое, ки дар киноҳо тир хӯрда, бо оҳистагию тобхӯрон ба замин меафтанд, ором-ором ба ақиб меафтад. Чашмҳо дар вокуниш ба ин шиллики тир аз тарс ба андозаи як диранги бисёр кӯтоҳ баста шуданд ва даҳонҳо ҳамин тавр боз монда буд. Гӯё ёдашон рафт, ки даҳонҳояшонро бибанданд.

Калоғҳои зиёде ба якбора аз рӯйи шохсори дарахтон қар-қаркунон ба ҳолати кашида-кашида ба осмон пар кашиданд. Ҳама ҷо садои калоғ буду ба ғайр аз қар-қар чизе шунида намешуд.

Пас аз як диранги кӯтоҳ чашмонамро ба оромӣ боз кардам, то идомаи моҷароро бибинам. Ангор, ҳама чиз ба кундӣ ҳаракат мекард. Ҳамчунон занги шиллики тир дар гӯшам бозӣ мекард ва дигар сару садоҳоро кашида-кашида ва хеле пасту номафҳум мешунидам. Пирамард мисли бозигарони филмҳои синамоӣ ором нақш бар замин шуд.

Қуфли зонувон ва мушакҳои ронҳои занак якбора боз шуду аз миёни зиндони ду пояш раҳоӣ ёфтам. Ҳамаи одамон

аз тааҷҷуб ях зада буданд. Пирамард бар кафи хиёбон каме мутамоил ба паҳлуи росташ дароз афтода, гӯё дар хоби амиқе фуру рафта буд. Аз пушти сари пирамард мисли чашмаи кӯчаке хун меҷӯшид. Ҳангоми шиллики тир дидам, ки чизҳое аз пушти сари пирамард ба берун ҷаҳиданд ва тоқии чаҳоргӯшаи тоҷикияш низ ба тарафе партоб шуд. Илова бар муҳтавиёти зардранге, ки аз пушти сари пирамард берун рехта буд, ҷӯшиши хун доиравор дар гирдогирди сари ӯ бар сиёҳии асфалти хиёбон густариш меёфт.

Ҳар касеро, ки дар он атроф медидам, фақат мехост фирор кунад. Бино бар таҷрибае, ки аз солҳои ҷангҳои дохилӣ доштанд, гӯё гумон мекарданд, ки ба зудӣ дар он ҷо ҷанги гурӯҳҳои сиёсии силоҳбадаст оғоз хоҳад шуд.

Онҳое, ки ба зӯр дохили троллейбус шуда буданд, ваҳшатзада аз дару тирезаи троллейбус бемуҳобо берун мепариданд ва ҳар як ба тарафе мегурехт.

Хеле мангу гиҷ шудам. Аз тарс беихтиёр пешобам равон шуду шалворамро тари тар кард. Хушбахтона касе ба ман наменигарист, ки хиҷолат бикашам. Боз

аз сӯйи дигар мутаваҷҷеҳ шудам, ки занаки рус ҳам гӯё аз тарси шадид дароз рӯйи замин афтоду комилан зераш тар гардидааст. Тадриҷан гӯшаи лабонаш ҳам кафк мекард ва мудом меларзид, гӯё дар вазиши сӯзи зимистон қарор гирифта бошад. Чашмонаш ба ҳолати нимабоз он қадар боло рафт, ки сафедии чашмонаш мӯҷиби тарси ман мешуд. Дандонҳояшро муҳкам рӯйи ҳам бо фишор месоид. Қирич-қиричи дандонҳояш аъсобамро хурд кард. Домани пероҳанаш боло рафта буд ва шиками сафеди бузургу гунбадшаклаш бароям ҳайратовар буд. Ҳаракати нарму мавҷдор аз рӯйи сатҳи шиками занак маро ба тааҷҷуб водошт. Мисли ин мемонд, ки кӯдаке дар шикамаш дар ҳоли ҷунбуҷӯш аст. Кунҷков шудам, то бибинам даруни шиками занак чӣ иттифоқе афтодааст.

Нигоҳи тарсонамро аз ҷисми ларзони занак бардоштам, то ба мошини сиёҳранг ва духтарча мутамаркиз кунам. Ҳанӯз охирин нафарот ҳаросон аз дохили троллейбус ваҳшатзада пиёда мешуданд. Охирин фарде, ки аз троллейбус берун омад, ҳамон тифли ширхораи дар оғӯши очааш буд. Баъзе бо аҷала аз

арзи хиёбон давон-давон мегурехтанд ва вориди пиёдарав мешуданд.

Мошинҳои ҳозир дар хиёбон ҳар як ба наҳве мекӯшиданд, то аз ин фазои тарснок ба ҳар тариқе, ки шуда, бигрезанд. Ҳар касе ба сӯе гурезон шуд, то ин ки хиёбони маркази шаҳр аз ҳар одаму мошине хилват шуд.

Мошини сиёҳранг бидуни ин ки тарс ба дил роҳ диҳад, мағрурона, бидуни ин ки аз касе узр бихоҳад, шишаи тирезаро боло дод. Ҳеч кас ҷуръат намекард, ҳатто бо нигоҳи ғазаболуд ба одамҳои даруни мошини сиёҳ эътироз кунад.

Баргаштам, то дубора ба занаки рус нигоҳе кунам. Дастонашро бо фишори тамом мушт карда буд. Баъзе аз нохунҳои баланди локзадааш шикаста буданд. Ҳамин тавр аз гӯшаи лабаш кафки сафедранге берун меомад. Ларза бар андомаш тамомӣ надошт. Ангор, касе ӯро мудовим такон медиҳад. Дилам мехост коре барояш бикунам, зеро он қадар ҳам аз занаки рус мутанаффир набудам, ки розӣ ба маргаш бошам. Чунон гиҷу музтариб шуда будам, ки намедонистам ба кадом фоҷиаи рухдода дар хиёбон нигоҳ кунам.

Аз рӯйи тарс ҳам ки шуда, ҳеч кас намехост, на ба ман нигоҳ кунад ва на ба занаки рус, ки  дар кафи пиёдарав дароз, аз худ бехуд афтода буд. Намедонам, чаро? Касе намехост бифаҳмад, ки занак ҳомила аст ва шадидан ниёз ба ёрӣ дорад. Аз зери шикамаш кулли об берун рехта, сатҳи пиёдаравро тар карда буд. Ман аз ҳомилагии занон чизе намедонистам.

Намедонам чаро, вале мехостам коре барояш анҷом диҳам. Беихтиёр ба замин мехкӯб шудам. Ҳанӯз пешобам аз тарс бурида-бурида идома дошт ва шалворамро ҳамин тавр аз тарс бештар тар мекардам. Аз тарафе дудила ҳам шудам, намедонистам дилам барои занак бисӯзад ё насӯзад!? Чаро ки ҳанӯз пушти дастам дард мекард. Дар ҳамин дудилагие, ки қарор доштам, аз қиёфае, ки занак дар ҳолати ғаш ва аз худ бехудӣ пайдо карда буд, сахт тарсидам. Ҷунбуҷӯши кӯдаки даруни батни занак чун мавҷи номуназзам рӯйи сатҳи шикамаш ҳанӯз дида мешуд, аммо намедонам чаро, бидуни далел мефаҳмидам, ки кӯдаке ҷон месупорад ...

Агар мошине мехост аз он маҳдудаи хиёбон, ки мо ҳузур доштем, гузар кунад, ба маҳзи дидани ҷасади пирамарде, ки дар миёни хиёбон дар хуни хеш ғалтида, ваҳшатзада гашта, зуд ба роҳи омадааш бозмегашт.

Хиёбон хилваттар аз ҳар замоне шуд ва ҳанӯз мошини сиёҳ наззорагари ҳама чиз буд. Аз рӯйи тарси аз мошини сиёҳ нохоста пушти гунбади шиками занак пинҳон шудам, то мабодо маро бибинанд. Дар пешзаминаи нигоҳам аз рӯйи нимдоираи сатҳи шиками қулумбаву дамидаи занак кӯдаке дар ҷунбуҷӯши сахт ба дунболи роҳи берун омадан аз даруни шиками модар буд. Ӯ ба девораи раҳим (бачадон) бо дасту по фишор меовард, то роҳе барои нафас кашидан пайдо кунад. Ман ҷойи фишори дастони кӯдакро бар сатҳи берунии шиками занак медидам ва мехостам дасташро бигирам ва наҷоташ диҳам, аммо намедонистам чӣ гуна ин корро анҷом диҳам. Аз тарафе ме тарсидам ба шиками занак даст бизанам. Кӯдак он қадар рӯяшро аз дарун ба девораи раҳим фишор медод, ки ме тавонистам гирдии рӯяшро бо баромада

шудани бахши кӯчакеро аз шиками занак ба хубӣ бибинам. Дар хаёлам ин гуна тасвир месохтам, ки хоҳишмандона аз ман ёрӣ мехост. Чеҳрааш ба монанди кӯдаке буд, ки дар як аквариуми бузурги пур аз об ғарқ мешавад.

Дар пасзаминае аз рӯйи сатҳи нимдоирашакли шиками занак дар як чашмандози васеътар мошини сиёҳро медидам, ки бо чӣ ифтихору такаббуре ҳудуди сад метреро ором-ором аз баробари дидагонам ҳаракат мекард, бидуни ин ки битарсад ё бихоҳад фирор кунад. Ба ҳайвони дарандае мемонд, ки гӯшти шикорашро сер хӯрда бошад ва сипас бихоҳад бо гарданкашӣ ва зӯрмандии тавъам бо ғурур пас аз сайди шикор ба роҳаш идома диҳад, то ин ки як лаҳза ист кард. Ин ҷо дилам ҳуррӣ замин рехт. Аз тарс худамро бештар пушти шиками занак пинҳон кардам. Тасаввур кардам эҳтимолан маро дидааст!? Аммо на... Бо як кокси тез дуд аз чархҳояш бархосту хиёбонро тарк кард.

Нигоҳам ба пирамард, ки доираи сурхгуни хун гирди сараш ба таври номуназзам бар сиёҳии асфалти хиёбон, ҳамчунон густариш меёфт, афтод.

Барои аввалин бор бо ваҳшати марг ошно шудам, мафҳуме, ки даркаш дар он синнусол барои ман хеле ранҷовар буд.

Дар зовияи диде, ки нисбат ба зери троллейбус доштам, ду соқи пойи нозуки кӯдаконаро бо ҷӯробҳои сафед дар пеши дари троллейбус дидам. Духтарча ба унвони охирин нафар бо зонувоне, ки аз тарс меларзиданд, ҳамчунон истода буд, то ин ки ба роҳ афтод. Нарангушташ  ба даҳон буд, мисли ин ки пистони очаашро мемакид. Ором-ором тавъам бо ҳисси бепаноҳӣ ва тарс ба муқобили троллейбус омад. Ба ғайр аз ман касе он ҷо ҳузур надошт. Беихтиёр бо он мӯйҳои дарҳам-барҳамшуда пештар омад. Аз фарти фишоре, ки бузургтарҳо ҳангоми пиёда шудан ба ӯ ворид карда буданд, баъзе аз тугмаҳои пероҳанаш канда шуда буд. Дидам, банди кифи кӯчакаш ҳам пора шуда, ки ба ҳангоми роҳ рафтан ба рӯйи замин кашида мешуд. Кифашро муҳкам зери бағалаш дошт. Гӯё кифашро хеле дӯст медошт. Бо он гомҳои кунде, ки ба пеш мегузошт, ба васати хиёбон расид.

Дуруст рӯйи хатти сафеди камранги васати хиёбон истод.

Бо чашмони тараш бир-бир маро, ки пушти шиками занак пинҳон шуда будам, тамошо мекард. Рӯйи по истодам ва чанд қадам бо эҳтиёт пештар рафтам. Аз рӯйи тарс ҳам ки шуда, духтарча намехост сарашро каме ба тарафи ҷасади пирамард баргардонад, то тани ғарқи хуни пирамарди раҳошуда дар васати хиёбонро бибинад. Вақте нигоҳамро ба сӯйи ҷасади пирамард ҳидоят кардам, ӯ ҳам ҳароснок саъй кард, бо тардиде, ки дошт, бо эҳтиёт ҷасади пирамардро бибинад, мунтаҳо зуд рӯяшро баргардонду пушташро амдан ба пирамард кард, ман низ нигоҳамро ба пушти сарам, яъне занаки рус андохтам. Ларзаҳо дар баданаш ором шуда буданд. Мисли ин ки барои ҳамеша ба хоби амиқе фуру рафта бошад. Дар ин миён каси дигаре ҳам ҳузур дошт, ки барои зинда мондан охирин талошашро мекард. Медонистам, ки наметавонам дар зиндагии торики ӯ нақше дошта бошам. Агарчи ӯ барои зинда мондан намехост таслим бишавад, лек ман таслими иҷборе

шудам, ки наметавонистам тағйираш диҳам.

Ҳамин тавр рӯйи сатҳи шикамии урё-ни занак мавҷе аз барҷастагиҳои паси ҳам ҷобаҷо мешуданд, то ин ки баро-мадагии ҷойи пойи кӯдак рӯйи сатҳи шикамии занак намоён шуд. Ҳарчанд чанд қадаме аз онҳо фосила доштам, аммо ба чашм дидам, ки ба деворaи шикамии очааш фишор меоварад. Охи-рин ҷунбуҷӯши кӯдаконааш дар шикамии оча рӯ ба поён буд. Ангор як нафар дар гӯши ман пушти сари ҳам такрор мекард: «Як нафар мемирад... ». Ба атрофам нигаристам. Ҳанӯз интизор доштам, касе ба доди ин кӯдак бирасад, вале афсӯс, ки чашмони мунтазири ман ҳеч наҷотдиҳандаеро надид. Дар ин вопасин лаҳза охирин лагадеро ба деворaи зиндонаш заду ҷон супурд. Дар зеҳни кӯдаконаам дуруст охирин радди пояш ҳаккокӣ шуд, ки чизе дар зиндагии ман давом нахоҳад дошт. Ва ман ранҷи мурдани дигареро ба ҷон фаҳмидам.

Нигоҳамро бо буғз аз рӯйи ҷасади занак ва раҳиме, ки тобути кӯдаке шуда буд, баргардондам, то духтарчаро бибинам.

Чанд қадаме ба тарафи ҷасади пирамард наздик шуд. Дид, ки сару рӯяш аз хун сурхгун аст. Ҳамин боиси тарси хомӯше дар чеҳраи хушку берӯҳаш шуд, тарсе, ки ман шалворамро беихтиёр тар кардам.

Ҳарчанд дар он синни кӯдакӣ ба монанди бузургтарҳо ақли кофӣ барои фаҳмидани хеле чизҳоро надоштам, аммо диле доштам, ки ранҷҳои инсониро ба дур аз вожаҳову калимот, чун мавҷи барқ аз баробари дидагонам мегузашт ва бидуни восита тарҷимаеро аз он чи дар атрофам мегузашт, ба ман меомӯхт. Мунтаҳо тавони бозгӯии ҳар ончиро, ки мефаҳмидам, надоштам, зеро забони худамонро фақат худамон мефаҳмем, агарчи одамбузургҳо тибқи маъмул забони кӯдакияшонро дар гузари замон фаромӯш мекунанд.

Аз бобати тар будани шалворам хиҷолат мекашидам, аммо бо тамоми шармсорие, ки худам тасаввур мекардам, тасмим гирифтам ба тарафи духтарча биравам. Хушбахтона, каси дигаре дар хиёбон ҳузур надошт, то ба хотири тарии шалворам шарм кунам. Бо ин аҳвол боз ҳам дар хаёли худам аз

духтарча хиҷолат мекашидам, то ин ки ором-ором нам-нами борон аз дили абрҳои тирамоҳӣ, мисли донаҳои шабнам бар сару рӯямон ба оромӣ нишаст ва аз ранҷе, ки дидем, навозашамон дод. Ҳамин ки оҳиста гомҳоямро ба пеш бармедоштам, дар ин хаёл будам, ки агар духтарча мутаваҷҷеҳи тарии шалворам бишавад, чӣ дар посухи суоле, ки намепурсад, бигӯям?! Чанд қадаме пеш рафтам. Каме борон шиддат гирифт, барои лаҳзае аз шиддати бориши борон хушҳол шудам. Борон ҳисси хиҷолатамро шуст.

Духтарча ҳамин ки чанд қадами дигар ба ҷасади пирамард наздиктар шуд, бештар тарсид ва рӯяшро аз ваҳшат баргардонд ва ин бор бо ду кафи дасташ рӯяшро пӯшонд. Раъду барқи азим ва ваҳшатнок боиси тарсу дилҳураи ману духтарча шуд. Мехостем ба ҷое паноҳ бибарем, аммо паноҳе набуд. Аз тарс киф аз зери бағалаш ба замин афтод. Ёдам омад, ки ман ҳам туфанге доштам. Нигоҳе ба дасти чапам кардам. Дидам, ки чанголи кӯчакам бо тамоми хастагию беҳиссие, ки дошт, ҳанӯз туфангамро гум накардааст. Мисли ин

мемонд, ки туфанги плостикӣ дар имтидоди дастам ба ҳисоб меомад. Бо туфанг ҳанӯз эҳсоси қудрат мекардам, агарчи медонистам, ки воқеӣ нест.

Духтарча пушт ба пирамард мабҳут истода буду бесадо мегирист. Ба пеш рафтаму дар чандқадамии ӯ истодам. Аз байни ангуштонаш дид, ки дар муқобилаш мунтазирам. Ором дастонашро аз рӯйи ашколудаш бардошт. Чашмони калону тараш бо мижаҳои дарозе, ки дошт, диламро бо тамоми кӯдакие, ки доштам, сӯзонд. Ду гӯшаи лабонаш поин афтод. Хам шуд ва кифи кӯчакашро аз рӯйи замин бардошт. Шурӯъ ба ҷамъ кардан ва ҷо додани банди пора ба даруни кифаш кард. Чашмони ғарқшуда дар ашкҳои пурҷӯши ӯ ба эҳсоси ман гуфт:

«Дер шуд!»

Ҷуръат кардам аз ӯ бипурсам:

«Чӣ дер шуд?»

Гуфт:

«Ҳоло бояд ба боғча равам».

То ҳудуде медонистам, пирамард дар он ғарқобаи хун ба хоби амиқ фуру рафта, ки бархостанаш мумкин нест. Бо ишораи даст ба ҷасади пирамард, ки бо

фосилаи каме дар пушти духтарча қарор дошт, пурсидам:

«Ин кист?!»

Бо буғзи дар гулӯ, ки ба якбора бихоҳад битаркад, гуфт:

«Бобоям... Намедонам, чаро хоб карда?!... Ҳоло вақти хоб нест!»

Намехост бовар кунад, ки бобояш барои ҳамеша ба хоб рафтааст. Шояд ҳам мафҳуми маргро то он лаҳза мисли ман дарк накарда буд. Пурсидам:

«Очаат куҷост?!...»

Ангор эҳсоси гиҷӣ мекард ва мисли мангҳо сукут ихтиёр карда буд. Намедонам, наметавонист ҷавобамро бидиҳад ё бо ёдоварии падар ва модараш ӯро ба чоҳе аз хотироти ранҷоваре фуру фиристодам, ки интиҳои он маълум набуд. Амиқ ба фикр фуру рафт ва зеҳнаш мутаваҷҷеҳи ҷои дигаре шуд. Бо ҳамон нигоҳи собит ва бидуни ҳаракат фақат ба пушти сарам, яъне, ба умқи хиёбоне, ки кам-кам мамлу аз меҳ мешуд, мутамаркиз шуд. Гирдии чашмонаш ҳаракат намекарданд. Дубора беихтиёр нарангушташро ба даҳонаш фуру бурд ва ба макидан машғул шуд. Зери бороне, ки пайваста зиёдтар

мешуд, ӯ мисли муҷассамаи хушкшуда мемонд, ки фақат лабонаш барои макидан меҷунбид.

Савдогарони мағозаҳои атроф ба тасаввури ин ки ҳар вақт ҷанг сар хоҳад шуд, хеле зуд дарҳои дуконҳояшонро бастанд. Тирезаҳои хонаҳое, ки рӯйи иморати мағозаҳо қарор доштанд низ, аз тарси тирҳои саргардон зудтар баста шуда буданд. Танҳо таксадои калоғеро дар он нам-нами борон мешунидам, ки аз даруни шохсорҳои дарахтони куҳансоли канораҳои хиёбон ба гӯш мерасид.

Ҳавсалаам сар рафт. Хеле эҳсоси танҳоӣ ва бепаноҳӣ кардам. Намефаҳмидам, ин дилшурае, ки мудом дарунамро метарошиду мехӯрд, чӣ мафҳуме дошт. Барои фирор аз танҳоӣ боз қадаме пеш гузоштам,  дуруст муқобилаш истодаму нигоҳаш кардам. Гӯё аслан маро намедид. Бо он лабони нозуку борикаш, ки мисли ёқут медурахшид, ҳамин тавр ангушташро мемакид.

Охирин бозмондаи калоғҳо ба хотири шиддати шир-шири борон аз шохсорҳо бархосту рафт. Садои пар заданашро бидуни ин ки қар-қаре бикунад,

ба сахтӣ аз миёни ҳамҳамаи ҳуҷуми борон дар хаёлам мешунидам.

То он лаҳза ба фикри макидани ангуштам наафтода будам. Бо дидани чеҳраи яхзадаи духтарча иштиҳо пайдо кардам ва аз худ пурсидам: «–Чаро ман нарангуштамро мисли ӯ намакам!?» Хаёл мекардам, бояд чизи хеле хуш мазае бошад. Бо эҳтиёт шурӯъ кардам ба макидан. Барои сонияҳои аввал эҳсоси хубе пайдо кардам. Дар олами хаёл тасаввур кардам, ки дар ҳоли макидани пистони очае, ки надоштам, ҳастам. Ногузир шудам, барои тахлияи дардҳое, ки таҳаммулаш бароям сахт буд, ба лаззати макидани ангушти худ дар он шароити буҳронӣ басанда кунам. Дар он сукути миёни ману духтарча рӯйи хатти камранги сафеди васати хиёбон, гӯё мазае ба хубии макидани ангуштони худамон дар он шароити тоқатфарсо вуҷуд надошт.

Аз макидан хаста шудам. Ангуштамро аз даҳон берун овардам ва беихтиёр дасти духтаракро гирифта, ангушти ӯро низ аз даҳонаш берун кашидам, то шояд мутаваҷҷеҳи ҳузури ман дар муқобилаш бишавад. Мисли ин ки аз хоб бедор

шуда бошад, ба худаш омад. Ангор, ҳама оромише, ки дошт, ба якбора ба ҳам хӯрд. Ваҳшатзада ва гиҷу манг ба атрофаш менигарист. Барои ин ки чизе гуфта бошам, ба ӯ гуфтам:

«Магар оби набот аст, ки ин қадар мемакӣ?!... Захм мешавад... »

Сари ангушташ хеле сурх шуда буд. Ҳарчанд ангушти худам ҳам дасти каме аз ангушти ӯ надошт.

Бориши борон сару рӯйи ҷуфтамонро ҳамин тавр тар мекард. Хеле кӯшиш кард, то ҳарфе бизанад, вале наметавонист. Бо эҳтиёту оромӣ баргашт ва ба тарафи ҷасади пирамард рафт. Хушбахтона пирамард ба паҳлуи рост афтода буд ва рӯяш пайдо набуд, аммо чуқурии холии пушти сараш, ки бар асари расидани тир комилан ранги сурху зард дошт, намоён буд. Борон ором-ором бо шиддате, ки пайдо мекард, муҳтавиёти мағзи сари пирамардро ҳамроҳ бо хуне, ки бар кафи хиёбон рехта шуда буд, мешуст.

Духтарак дар миёнаи роҳ нимнигоҳе ба пушти сараш, ки ман будам, кард ва пештар рафт. Дуруст ба пушти камари ҷасади пирамард расид. Ҷое истод, ки

доираи хун гирди даври сари пирамард тавъам бо резиши борон вусъат пайдо мекард. Бо он кафшҳои кӯчаки сурх-рангаш бо он ду соқи пои нозукаш, ки шабеҳи поҳои кабутар буданд, дар ҷое истод, ки даври кафшашро хун иҳота карда буд. Сурхии кафшаш бо сурхии хуни рӯйи кафи замин ҳамхонӣ пайдо кард. Рӯйи зонувонаш дуруст пушти камари пирамард ором нишаст. Лабаи пушти домани чиндораш дар хун нишаст. Маълум буд, духтарча наме-хост иттифоқи афтодаро бовар кунад. Бо эҳтиёт дасташро дар ҷайби чапи пирамард кард, мисли ин ки метарсид, ки ӯ мабодо аз хоб бедор шавад. Дидам, як хурӯсаки сурхро аз ҷайби шалвори пирамард берун овард, ба гумонаш, ки пирамард мутаваҷҷеҳи ӯ нашудааст. Аслан намехост бовар кунад, ки пирамард мурдааст. Ҳамин ки хурӯсаки сурхро аз ҷайби ӯ берун кашид, бо аҷала хандакунон аз ҷо бархост ва ба тарафи ман шитобон давид. Ҳамин тавр ки медавид, изи пойи хеле камранге аз хун бар хатти сафеди васати хиёбон ба ҷой мегузошт. Аммо шиддати борон изи пойи ӯро ҳам мешуст. Нафасзанон дар

муқобилам истод. Дар он кавири танҳоӣ бо нигоҳ кардан ба ман тавъам бо каме лабханд мехост назарамро ба худаш ҷалб кунад. Вале намедонам, чаро забони ҳарф задан надошт, мисли ин ки забонаш қуфл шуда бошад.

Дар он ҳолат на ӯ дӯст дошт ба пушти сараш нигоҳ кунад ва на ман алоқае доштам ба ҷасади занаки рус нигоҳ кунам. Сарашро каме поин овард ва нигоҳ кард ба туфанге, ки дар дастам қуфл шуда буд. Ваҳшатзада ба туфангам нигарист. Баъд нигоҳаш мутаваҷҷеҳи тарии шалворам шуд. Хеле хиҷолат кашидам. Худамро ҷамъу ҷӯр кардам. Хусусан зонувонамро ба ҳам часпондам. Мекӯшидам, тарии шалворамро дар он шиддати борон аз тарии пешобам пинҳон кунам. Намедонам, аслан мутаваҷҷеҳи иллати тарии шалворам шуд ё на!? Шояд ҳам ман зиёдӣ сахт мегирифтам.

Духтарча аз туфангам чашм барнамедошт. Беихтиёр ба ӯ гуфтам:

«Натарс!... Бозича аст...»

Духтарча зоҳиран бовар кард. Чашмони тару меҳрубонашро бо илтиҷо ба чашмони ман дӯхт. Барои ҷалби муҳаб-

бати ман пуфе ба хурӯсаки дар дасташ кард ва сипас каме лабханд пеши даҳонам гирифт. Хеле дӯст доштам, ки ба хурӯсакаш як лес бизанам. Ором даҳонамро боз кардам ва пеш бурдам. Хурӯсакро даруни даҳонам фуру дод ва ман шурӯъ ба макидан кардам. Чӯби хурӯсак ҳанӯз дар дасти духтарча буд. Интизор дошт, то барои берун овардани хурӯсак даҳонамро боз кунам. Аз ин рӯй то он ҷое ки ҷо дошт ва метавонистам макидам. Хурӯсакро аз даҳонам берун кашид ва даруни даҳони худаш фуру бурд ва ба шиддат макидан гирифт.

Барои чанд сония ҳам ки шуда, ҳар ончиро, ки мазаи андӯҳу ранҷ медод, бо таъми туршу ширини хурӯсак фаромӯш кардем. Ҳатто мутаваҷҷеҳи шиддати резиши борон ҳам нашудем. Бо иштиёқ даҳонамро кушодам. Дӯст доштам ҳар чӣ зудтар хурӯсакро аз даҳонаш берун оварда, ба даҳони ман гузорад. Барои лаҳзае садои хандаҳоямон аз шодии зудгузарамон дар ҳам омехтанд.

Ба рафтору тарзи либос пӯшиданаш таваҷҷуҳ кардам ва фаҳмидам, ӯ бо ман, ки як писарбача ҳастам, тафовут дорад. Хусусан мӯҳои дарозаш ва ду

сӯзанак бо гулҳои зардранге, ки рӯйи мӯҳояш дошт, ё домани кӯтоҳи чиндоре, ки ба по дошт. Инҳо чизҳое буданд, ки боис мешуданд, то худамро бо ӯ мутафовит бибинам, дуруст мисли бибиям, ки бо бобоям фарқ дошт. Аз рӯйи таъкид пурсидам:

«Ту духтарча ҳастӣ?»

Фақат сарашро ба аломати мусбат поин овард.

Ҳанӯз бароям гунгу номаълум буд, ки чаро намехост ҳарф бизанад?! Ҳар чӣ мепурсидам, фақат бо ишора ҷавоб медод, то ин ки пурсидам:

«Синфи чандӣ?»

Чун намехост ҳарфе бизанад, танҳо сарашро ба чапу рост бурд ва ҳеч нагуфт. Бо ҷиддият пурсидам:

«Ба мактаб меравӣ?»

Боз ҳарфе назад ва танҳо бо боло бурдани абрувони камонию нозукаш тавъам бо боло бурдани сараш мехост бигӯяд, ки ба мактаб намеравад.

Моҷаро барои ман дар он синну соли кам нороҳаткунанда мешуд. Каме чеҳраи ҷиддитар ба худ гирифтам. Мутаваҷҷеҳи асабониятам шуд. Бинобар ин кӯшид бо истифода аз забони

бадан, аз ҷумла ҳаракати дастҳову чеҳрааш чизеро ба ман бифаҳмонад. Ман ҳам ба сахтӣ манзурашро дарк мекардам. Як тавре мехост ба ман бифаҳмонад, ки наметавонад ҳарф бизанад ва нохоста дар манҷалоби сукуте фуру афтодааст, ки далелашро аслан намедонист. Аз сӯе мехост, як тавре дили маро ба даст оварад. Навбати лесидани хурӯсакашро ба ман дод. Аз ғусса гӯшаи лабонаш ба поин мутамоил шуданд. Бидуни садо чашмонаш дар он бориши борон пури об шуданд. Хост бигӯяд, ҳеч контроле бар сукуташ надорад.

Нигоҳе ба ҷасади пирамард кард. Сипас дар нигоҳи ман хира шуд ва бо забони чашмонаш дар як робитаи ҳиссӣ чун мавҷе аз отифа дар як нигоҳ ба ман гуфт:

«Узр!... Намедонам, чаро сокитам.»

Барои исботи ҳарфаш дар он ҳуҷуми борон қатраҳое аз ашк ҳамроҳ бо қатраҳои борон аз гӯшаи чашмонаш ба поин лағзиданд. Ин беҳтарин далеле буд, ки шояд ба забон ҳам наметавонист ба ин хубӣ барои ман тавзеҳ диҳад.

Мехостам хурӯсакро ба навбат ҳам ки шуда, даруни даҳонаш гузорам, лекин барои ба даст овардани дили ман мумониат кард. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Вақте ҳам ба ҷасади пирамард нигаристам, беирода ашк аз гунаҳои кӯдакиям сарозер шуд, он қадар, ки тоқати дидани ҷасади занаки рус ё ҳамон ҳамсари падарамро дар худам намедидам.

Борон ҳамин тавр нисбат ба лаҳзаҳои пешин шиддат гирифт ва ашк ҳоямонро аз рӯйи гунаҳоямон мешуст.

Борон чун шаллоқ бар тани мо мекӯбид. Ҳис кардам, кафи дасти ростам гарм шуда. Духтарча дастамро ба унвони охирин паноҳи худаш сахт фишурд, бидуни ин ки вожае гуфта бошад ё қодир ба баёни он бошад. Дар он танҳоие, ки ҳеч паноҳе набуд, бо гармои дасташ на танҳо тафовути худамро бо ӯ фаҳмидам, балки дарёфтам, чӣ қадар рангу бӯйи модарона дорад, эҳсосе, ки дар паноҳаш ҳазорон баробар бештар аз лаззати лесидани хурӯсаке буд, ки дар даҳонам мемакидам.

Каме дастамро такон дод, мисли мавҷи электрикӣ ва шаффофтар аз забон фаҳмидам, хунук хурдааст. Бояд

ба ҷое мерафтем, то сарпаноҳе пайдо кунем. Қатраҳои борон чун кӯдакони бозигар бар сару рӯяш бозӣ мекарданд ва баъд чун донаҳои марворид аз гунаву манаҳаш мелағзиданд.

Ҳанӯз рӯйи хатти сафеди васати хиёбон истода будем ва ҳар он чи аз изи пойи хунин бар ин хатҳои сафед аз ҷойи кафшҳои духтарча боқӣ монда буд, шуста шуданд, аммо доираи хуне, ки даври сари пирамард дар ҳоли густариш буд, дар шитоби қатраҳои кашида-кашидаи борон тадриҷан маҳв мешуд.

Хурӯсакро аз даҳонам берун овардам, то дар даҳони духтарча бигзорам, вале боз мамониат кард. Ҳар чӣ кӯшидам, то бо забон ба ӯ исрор кунам, гӯё забони ман ҳам қуфл шуда буд ва наметавонистам ҳарфе бизанам. Буғз гулӯямро мефишурд. Мехостам бигирям, аммо духтарча бо нигоҳаш гуфт:

«Мард, ки набояд гиря кунад!»

Бо нигоҳ ба ӯ гуфтам:

«Агар мехоҳӣ гиря накунам, ин бор ту хурӯсакро лес бизан!»

Қабул кард ва дар ин миён кӯшид кифашро зери бағалаш муҳкам нигаҳ

дорад. Хурӯсакро аз ман гирифт ва бо лаззат даруни даҳонаш фурӯ дод, дубора дастамро гирифт ва такон дод. Даст дар дасти якдигар ба роҳе қадам гузоштем, ки оқибаташро намедонистем.

Ин бор шир-ширӣ борон чун фариштагони осмон барои худкушӣ бо шитоб худро ба кафи асфалти сиёҳранги хиёбон мекӯфтанд. Ба хаёлашон метавонанд сиёҳиро аз ранги асфалти хиёбон бишӯянд. Фазои муқобили дидагонамон ин бор хираву меҳолуд шуда буд, он қадар, ки охири хиёбонро наметавонистем бибинем. Ҳамин тавр дар пайи хатти пайвастаи сафеди васати хиёбон гиҷу манг роҳ мерафтем. Духтарча аз шиддати борон комилан тар шуда, аз зӯри сармо шонаҳояшро дар синааш ҷамъ карда буд.

Он қадар эҳсоси танҳоӣ мекардем, ки гӯӣ Худо фақат ману ҳамин духтарчаро аз биҳишти кӯдакиямон ба ин хиёбони бало партофтааст. Танҳо дил хушиямон гармои дастонамон буд, ки дар сардии тирамоҳ ба ҳам гиреҳ хӯрда буданд. Бо ин ҳама шитоби борону ғуссаи бекасӣ дар айни ғурур, гулӯямро

аз буғз фишурда ва дидагонамро пур аз ашк кард. Хушбахтона, шаллоқи борон рӯйи чеҳраам он қадар шитоб дошт, ки намегузошт ашкҳои бепаноҳӣ бар гуна ҳоям боиси хиҷолат дар нигоҳи духтарча шавад.

Аз зӯри сармо духтарча худашро бештар аз қабл ба бадани ман наздиктар кард. Ин бор шона ба шона бозуи самти ростамро ба оғӯш гирифт. Ногузир дастамро рӯйи шонаҳо ва пушти гарданаш ҳалқа кардам ва аз паҳлу дар бағалаш гирифтам, то камтар сарморо эҳсос кунад.

Билахира ба роҳи бесаранҷом, ки оқибаташро намедонистем, ҳамгом шудем, роҳе, ки саранҷомаш дар меҳолудагии он хиёбони марказии шаҳр нопайдо буд.

Дар он сукути даҳшатнок нармак-нармак бо қадамҳои кӯчакамон аз хиёбон гузашта, вориди пиёдарав шудем. Каме баъд ба даҳонаи зергузари хиёбон расидем, ки оби борон ҳам ба дарунаш аз канораҳои паллаҳояш роҳ пайдо карда буд. Аз бепаноҳию сардии ҳаво ва раҳоӣ аз бориши борон, ки ҳар лаҳза шадидтар мешуд, аз паллаҳо поин

рафтем, паллаҳои ҷое, ки қатъан ба чандин далел дар он буҳрони ҷанги шаҳрвандӣ наметавонист барои ду кӯдаки бепаноҳу саргашта, ки ҳанӯз дар мактаб каломе наомӯхтаанд, ҷойи амне бошад.

Дар ин буҳрони ҷанги хонумонсӯз он қадар фақр бар мардуми бечора аз ҷанг чира шуда буд, ки гоҳе хариду фурӯши хурдсолону духтараконӣ ҷавон метавонист, колои пурсуд барои савдогарони инсон ба ҳисоб ояд.

Вақте мехостем вориди зергузар шавем ва аз паллаҳо поин биравем, монанди ин буд, ки ба даруни як чуқурии торику вайронае меғалтем, ки на танҳо ба сиёҳчолае шабоҳат дошт, балки метавонист сарнавишти номаълуме дар ин сиёҳии сарнавишт барои мо рақам занад. Хушбахтона ё мутаассифона, ҳеч кас, ҳатто фақирони бехонумон ҳам дар он фазои ваҳмолуд дида намешуданд. Он қадар зергузар хароб шуда буд, ки аз ҳар ҷойи сақфи он оби борон мечакид.

Ногузир дар кунҷи деворе, ки комилан намнок буд, истодем ва дар азои худ меларзидем. Ларзаҳои аз тарсу сармо бо ҳам яке шуданд ва амонамон

намедод. Маҷбур шудем ҳамдигарро ба паҳлу дар оғӯш бигирем. Духтарча, ки сару либосҳояш тар шуда буд, бисёр меларзид. Туфангамро ба канори девор гузоштам. Кифашро аз зери бағалаш гирифтаму канори туфангам гузоштам. Он қадар хаставу хоболуд будем, ки ночор ба девори намнок такя додем. Тадриҷан хастагӣ бар зонувонамон ҳам чира гардид. Аз хастагӣ ба зону нишастем. Замони пур аз нигаронии мо ба сукут мегузашт ва тоқатамон ором-ором ба поён мерасид. Духтарча шурӯъ ба гиристан кард. Агар ӯ дар канорам ҳузур надошт, ман ҳам ҳатман баланд-баланд мегиристам.

Саъй кардам хобам набарад. Духтарча пас аз каме гиристан дар оғӯшам хобаш бурд. Агар ман ҳам мехобидам, нохоста ӯ аз миёни оғӯши ман раҳо мешуд. Пас, бояд таҳаммул мекардам, аммо намедонистам, чӣ қадар бояд сабр кунам?! Чашмам ба даромадгоҳи зергузар буд, ки шояд падарам ба ёриямон биёяд.

Чашмони мунтазирам аз шиддати хоб бозу баста мешуданд, то ин ки духтарча комилан хобаш бурд. Вақтро

ғанимат донистам ва задам зери гиря. Фақат мекӯшидам баланд-баланд гиря накунам, то мабодо духтарча аз хоб бедор шавад. Дар он танҳоӣ бо тамоми вуҷудам дарк мекардам, ки зонувонам нотавон шудаанд. Саъй мекардам, то хобам набард ва гиря кардан танҳо баҳонае барои нахобиданам буд. Чашмонам аз гиристан хаста шуданд. Баданам кам-кам суст мешуд. Ногаҳон раъду барқи азиме чун бомба таркиду нури он ба дохили зергузар афтод. Духтарча аз тарс аз хоб парид ва шурӯъ ба гиристан кард. Худамро ҷамъу ҷур кардам ва ӯро муҷаддадан муҳкам ба оғӯш гирифтам.

Хурӯсакро дар даҳонаш гузоштам. Дар ҳолати хоболудагӣ чун пистони модар мемакидаш, то хобаш бурд. Ангор, дар оғӯши очааш хобидааст. Раъду барқ ҳои кӯчаку бузург аз осмон сукути танҳоии моро мешикаст. Ба хотири нури раъду барқҳо то ҳудуде дохили зергузар ҳам равшан мешуд. Барои ин ки зерам тар нашавад, бидуни ин ки духтарча бифаҳмад, кифашро ба зери худ кашида, рӯяш нишастам. Каме роҳат шудам ва сипас духтарчаро дар паҳлуи

худам ҷобаҷо кардам. Дидам, ки наме шавад, ногузир дар оғӯши худам ҷояш додам.

Хоб аз сарам парид. Ба вежа эҳсоси аҷибе пайдо кардам. Вақте нури раъду барқ ба дохили зергузар меафтод, ба зеҳнам расид, бояд касе дар муқобили вурудии зергузар, ки ман ба он мавқеят тасаллути дидорӣ надоштам, ҳузур дошта бошад. Дар партаве аз нури раъду барқ сояи аҷибу ғариброро дохили зергузар дидам. Аз тарс ҳам ки шуда, наметавонистам бихобам. Дубора раъду барқи шадидтаре дар дили осмон таркид. Нафаҳмидам чӣ шуд, ки ногаҳон пас аз партави он нури шадиде, ки ба дохили зергузар афтод, дастамро ба самти туфангам наздиктар бурдам. Духтарча аз оғӯшам раҳо шуд ва рӯйи замин афтод. Пушташ каме тар шуд ва бо гиря аз хоб парид. Дубора мисли очаҳо, ки кӯдакашонро ба оғӯш мегиранд, ӯро рӯйи зонувонам гузоштам. Каме ором гирифт. Ман ҳам нохоста зонувонамро монанди гаҳвора такон додам, то дубора ба хоб равад. Дар ин ҳангом ба чашмонам нигарист, дид, мӯйҳои тари пеши сарам рӯйи абрӯҳо,

ҳатто баъзан рӯйи чашмонамро пӯшондааст. Даст ба мӯйҳои худаш бурд ва яке аз он ду сӯзанакҳоро аз миёни сиёҳии мӯйҳояш берун кашид ва бо муҳаббат ба мӯйҳои пеши сарам часпонд, то музоҳимате барои диданаш надошта бошам. Барои аввалин бор лабханди малеҳе заду маро ба хандаи нарм водошт. Дубора худашро ба ман часпонд, ки таконаш диҳам. Кам-кам чашмонаш вазнин шуданду боз хобаш бурд.

Дубора он сояи ваҳшатнокро дар партави нури раъду барқ дидам. Ин бор хеле возеҳтар буд. Нигоҳе ба туфангам кардам. Духтарча хобаш бурда буд ва маҷбур набудам таконаш диҳам. Ӯ дар хоб ҳам хурӯсакро мемакид. Ин бор хеле дӯст доштам, ки ман ҳам хурӯсакро бимакам. Аммо тарсидам, ки хурӯсакро аз даҳонаш берун биёварам. Мумкин буд аз хоб бедор шавад.

Боз он сояи аҷибу тарснок, мисли хура зеҳну рӯҳамро метарошид. Нохоста дастамро дароз кардам ва туфангамро бештар наздик овардам. Ҳар лаҳза, ки мегузашт, ваҳшати ин соя дар зеҳнам бештару бештар мешуд. Ногаҳон садои

аҷибе ба гӯшам расид, ки то он лаҳза шабеҳи онро нашунида будам. Аз тарс гиҷу манг шудам. Бадтар аз ҳар чиз ин ки намедонистам, ин садои аз чӣ ҷонвар ё ҳаюлоест. Ҳамин ки намедонистам чист, бештар азобам медод.

Хеле дӯст доштам падарам ба дунболи мо биёяд, вале ноумедона медонистам, ки намеояд. Агар ҳам дар ҷустуҷӯйи ман бошад, гумон аст зери ин ҳама борон, он ҳам дар ин зергузаре, ки бенавоён ҳам онро фаромӯш кардаанд, маро биёбад. Тақрибан ҳеч умеде барои умед доштани ман вуҷуд надошт.

Ҳатто касе ҳам аз зергузар убур намекард, то ин ки аз ӯ тақозои ёрӣ бикунам. Дӯст доштам борон тамом шавад, то шояд раҳгузаре аз ин зергузар бигзарад, агарчи аз одамҳои бузургтар бештар метарсидам. Аз он ҳарос доштам, ки накунад моро бидузданд ва бифурӯшанд ё аслан бикушанд... Ҳамаи ин хаёлҳо аз зеҳнам мегузашт анд.

Тарсам лаҳза ба лаҳза бештар мешуд, то ин ки садои ғурришеро шунидам, ки бо садоҳои қаблӣ фарқ дошт. То он лаҳза аз умрам чунин садоеро

нашунида будам. Оҳиста-оҳиста шурӯъ кардам ба гиристан. Ин бор воқеан аз чизе метарсидам, ки намедидамаш, баланд-баланд гиря мекардам. Бо тамоми ноумедиҳо боз партаве аз умед доштам ва фикр мекардам, ки дар ин фазои ваҳшатноку тарсолуд касе ба ёриямон меояд. Аз тарафе аслан шаҳри Душанберо балад набудам, яъне, агар борон ҳам банд меомад, намедонистам, ки ба кучҷои ин шаҳри пурошӯб биравам! Ё ба чӣ касе паноҳ бибарам! Ва агар касе ҳам бошад, ки бихоҳад ба мо паноҳ диҳад, оё мешавад ба ӯ эътимод кард?!

Ба дунболи роҳи чорае мегаштам, то аз дасти ин сояе, ки зеҳнамро чун кирми чӯб мехӯрд, бигурезам. Он қадар метарсидам, ки ҳозир будам бачадуздҳо биёянду моро бибаранд ва аз ин ҳаюлоҳое, ки сояашон тамоми ҷуръатамро гирифта буданд, раҳо созанд. Бадтар аз ҳар чиз садоҳои аҷибе буд, ки аз ин ҳаюлоҳои хаёлӣ мешунидам. Вақте меандешидам, ки шояд бачадуздҳо мумкин аст моро бикушанд, дар натиҷа аз ин хостаи худ пушаймон мешудам.

Дар зеҳнам дар он лаҳазоти сард ба дунболи як наҷотдиҳанда мегаштам.

Ҳатто аз одамҳои қиссаҳое, ки аз бибиям шунида будам, дар хаёлам ёрӣ хостам. Ба ёди бибиям афтодам, ки чӣ гуна дар танҳоии худаш муқобили тиреза, рӯ ба ҳавлии хона хаму рост мешуд, пешонияшро ба замин мегузошт ва бо касе наҷво мекард. Ҳамон рӯзҳо хеле кунҷков шудам, то аз бибиям пурсон шавам, бо чӣ касе гап мезанад, ки ӯро аслан намебинад!? Албатта фикр мекардам, чун кӯчак ҳастам, наметавонам он нопайдоро, ки бибиям мебинад, ман ҳам бибинам. Пеши худам фикр мекардам, агар бузург шавам, ҳатман ӯро хоҳам дид. Ҳатто чандин бор дар хоначаи дарунӣ пушти парда барои дидани он нопайдо камин кардам, то вақте ки бибиям мехост дар баробараш хаму рост шавад ё сарашро ба замин гузорад, бибинамаш. Аммо ӯ ҳеч вақт пайдояш нашуд. Шояд ҳам дӯст надошт, ки ман ӯро бибинам.

Боз он садои ваҳшатнокро равшану возеҳтар аз гузашта шунидам. Дубора раъду барқе шуд ва сояи ваҳшатзояшро ба хубӣ дидам. Бисёр тарснок ба назар меомад. Фикр мекардам, ҳатман моро хоҳад хӯрд. Маргеро, ки хуб мешинохта-

маш, нармак-нармак дар зеҳнам ҳамаи умедҳоямро ба боди фано месупурд.

Ноумед аз ҳар чиз ночор шудам он касеро, ки дар нопайдо буд, маҳзи имтиҳон садо кунам. Мутаассифона, забонам барои гап задан бо ӯ намечархид. Ангор, забонам фалаҷ шуда бошад. Ҳар чӣ қадар талош кардам, то садояш кунам, забонам ёриям накард. Ҳатто, оҳиста ҳам натавонистам бо ӯ сари суханро боз кунам. Каме забонамро газидам, то агар хоб рафта, бедораш кунам. Аммо боз умедам ноумед шуд. Забонам қуфл шуда буд, гӯӣ дигар ихтиёре нисбат ба забонам надоштам.

Зерам каме тар шуд ва сармо ба дарунам ворид мешуд. Зилзилае дар баданам эҷод шуд. Садои рӯйи ҳам хӯрдани дандонҳоям аъсобамро хурд мекард. Дигар чорае ба ҷуз ӯ надоштам. Мебоист бо ӯ ки дар нопайдо аст, ба ҳар тариқе, ки мешуд, ҳарф мезадам. Аз тарафе фикр мекардам, то ба забон садояш накунам, ӯ садои маро нахоҳад шунид.

Аз зӯри сармо мудом дандонҳоям рӯйи ҳам мехӯрданд ва чун мусиқии ноҳамгун ҷириқ-ҷириқ садо мекарданд.

Метарсидам, ки мабодо он ҳаюло ин садои хурд шуданамро бишнавад. Хастагию гуруснагӣ ҳам амонамро бурида буд. Барои ин ки бештар гарм шавам, ногузир духтарчаро бештар ба худам часпондам, то каме ҳам ки шуда, гармтар шавам. Баданам ором-ором аз сармо карахт шуд ва чашмонам хаста аз бедорӣ ба дунболи хоб мегашт.

Садои ғурриши он сояи тарснок тавъам бо ваҳшате, ки дар дил доштам, чашмонамро дар ҳасрати хоб боз нигаҳ медошт. Ин масъала мӯҷиб шуд, то шадидан асабонӣ шавам. Он қадар ин тарсиданҳо дар вуҷудам такрор шуданд, ки нафаҳмидам, чӣ тавр аз ҳол рафтам.

Ногаҳон раъду барқи шадиде мисли бомба таркид ва ман аз ваҳшат аз хоб паридам. Беихтиёр ба гиристан машғул шудам. Метарсидам, он ҳаюло садои гиристанамро бишнавад. Дубора садои ғурриши он сояи аҷибу ғарибро шунидам. Ангор садояш наздиктар шуда буд. Нигоҳамро ба самти хуруҷии зергузар мутаваҷҷеҳ сохтам. Медонистам, касе он пушт истодааст. Он қадар дилнигарон шудам, ки мехостам аз ҳол биравам, аммо ногоҳ сари бузурги як

сагро дидам, ки аз пушти девор маро бо он чашмони бузургу барроқаш амиқ менигарист. Хеле гиҷ шудам. Кам-кам боварам шуд, ки ӯ фақат як саги калон аст, ки аз хиҷолат пеш намеомад. Тамоми тарсҳое, ки дар зеҳнам то он лаҳза парваронда будам, ба якбора дар ҳам фуру рехтанд. Ҳамин тавр чашм дар чашм ба ҳам менигаристем. Тадриҷан дилам ором гирифт, аммо боз ҳанӯз мутмаин набудам, чаро ки имкон дошт, дар хоб буда, кобус медидам.

Медонистам, бархе аз сагҳо аз гуруснагӣ мумкин аст ба одамҳо, ба вежа хурдсолон ҳам ҳамла кунанд. Пеши худам гуфтам: "Агар саг гурусна бошад, он вақт чӣ кор кунам?! Ҳатман моро хоҳад хӯрд. Аммо нигоҳи наҷибонааш он қадар маҳзуну ғамбор буд, ки боварам намешуд ба қасди хӯрдани мо ба он ҷо омада бошад. Аммо ҳамчунон дар таҳи дилам боз тардиду тарс доштам.

Мехостам аз касе, ки дар пинҳон аст, мадад бигирам, лекин боз забонам ёрӣ намекард. Дудила будам, ки оё ин саг ба мо ҳамла хоҳад кард ё на?! Билахира садои нолаи маҳзунашро шунидам. Каме дилам ором гирифт. Он қадар

ҷуръат ёфтам, ки бо нигоҳи илтиҷоомез аз ӯ бихоҳам, то моро нахӯрад. Бидуни ин ки сару садое бикунад, бо ҳамон эҳсосе, ки дар чашмони маҳзунаш буд, гуфт:

«Натарс, азизам!... Ӯ маро фиристод, то ба шумо ёрӣ кунам.»

Аз тааҷҷуб такон хӯрдам, бо ҷуръат пурсидам:

«Чӣ касе туро фиристода?»

Дубора гуфт:

«Ҳамон касе, ки бибият дар баробараш хаму рост мешуд, дар муқобилаш пешонӣ бар замин мегузошт ва ту дар пушти парда мунтазир менишастӣ, ки бибинияш!»

Ин бор бештар дилам ором гирифт. Фаҳмидам, он нопайдо ҳарфи нагуфтаамро фаҳмидааст. Ба ногоҳ дар тардид шудам ва дар хаёл аз худам пурсидам:

«Магар мешавад бо забони баста ҳарфи нагуфтаро посух бигирӣ?!»

Аз ман иҷоза хост, то ба назди мо биёяд. Ман ҳам каме бо нигаронии монда аз тардид иҷоза додам. Вақте аз пушти девор пештар омад, мутаваҷҷеҳ шудам, чӣ қадар бузург аст. Дар тамоми умрам чунин саги калонеро надида

будам. Он ҳам саге бо ин ҳама адаб ва бузургворӣ!

Ором-ором пеш омад. Мутаваҷҷеҳ шудам, лангон-лангон роҳ меояд. Бови-қор муқобилам истод. Мутаваҷҷеҳ шуд, аз сармо дандонҳоям мудом ба ҳам мехӯрад. Аз сари дилсӯзӣ ашк аз чашмони саг ҷорӣ шуду гуфт:

«Иҷоза ҳаст, гарматон кунам?»

Аз рӯйи тааҷҷуб пурсидам:

«Чӣ тавр?»

Гуфт:

«Фақат маро бағал кун!»

Саг омад пештар, ба тавре ки зону-вонам зери шикам ва пистонҳои саг қарор гирифтанд. Ангор, як сақф бо чаҳор сутун бадани духтарчаро иҳота карда бошад.

Саги хеле покизае буд ва гардан-банди хеле зебое ҳам ба гардан дошт. Маълум буд, ки наметавонист аз ин саг ҳои бесоҳиб ва хиёбонӣ бошад. Пашми нарму хушбӯе дошт. Дӯст доштам рӯйи баданаш ҳамин тавр даст бикашам. Хеле ором сатҳи шиками худашро бидуни фишор тавре рӯйи зонувонам қарор дод, ки мисли курпа рӯйи бадани духтарчаро пӯшонд. Он қадар дар ву-

ҷудаш ҳисси хубию латофати модарона дошт, ки нохоста хостам бибӯямашу бибӯсамаш.

Аз рӯйи алоқаву кунҷковӣ шурӯъ кардам ба навозиши камараш. Ҳама ҷойи баданашро навозиш мекардам. Замон ба дақиқа нарасид, ки гармои баданашро дар вуҷуди худам эҳсос кардам. Гармое, ки аз як саг дарёфт мекардам, бисёр дилпазир буд. Аз тарафе фаҳмидам, буғзи хеле сангине дар гулӯ дорад ва дилаш пур аз ғуссаҳои дарднок аст. Шикамаш аз гуруснагӣ ғур-ғур мекард. Мутааҷҷиб шудам! Пурсидам:

«Ин чӣ садоест?»

Саг аз рӯйи шармандагӣ бо он ҳолати занонагияш рӯ баргардонду гуфт:

«Вой... Бибахшед ! ... Фурсат нашуд чизе бихӯрам.»

Бо ин ки худам гурусна будам, аммо ба зеҳнам расид, то як тавре аз ӯ ташаккур кунам. Таҳмондаи хурӯсакро хеле бо эҳтиёт аз даҳони духтарча берун овардам ва хостам ба модасаг бидиҳам. Вале сахт дучори тардид

шудам, ки хурӯсакро худам бихӯрам ё ба саг бидиҳам.

Лабони нозуки духтарча ҳамчунон ба ҳолати макидан, ғунчавор боқӣ монда буд ва мудом лабонашро ба ҳолати мак задан ҷамъу баста мекард. Духтарча нохоста дастонаш ба сатҳи зерини шиками саг кашида шуд ва ба сурати ғайрииродӣ яке аз нӯки пистонҳои сагро гирифт ва бемуҳобо ба даҳонаш фуру бурд. Нолаи заифи занонаи саг ношӣ аз дарди хафиферо, ки эҳсос кард, шунидам. Духтарча чунон боиштиҳо пистони сагро мемакид, ки гӯё синаи очаашро ба даҳон дораду шир мемакад. Дидани ин иттифоқ бароям бисёр ҷолибу ҳайратангез буд. Аслан боварам намешуд, ки ин духтарча шири як модасагро бо ин иштиёқ макидаву бихӯрад.

Он қадар боиштиҳо ва болаззат аз пистони саг шир менӯшид, ки ман ҳам ба ҳавас афтодам. Дучори шакку тардид шудам, ки ман ҳам шири саг бихӯрам ё нахӯрам?! Каме хиҷолат кашидам, зеро мефаҳмидам ҳар он чи дар дил дорам ва мехоҳам, ин саги меҳрубон ме фаҳмад.

Аз ин ки духтарча шири гарм менӯшид, модасаг хеле хушҳол буд. Ман ҳам дар хӯрдану нахӯрдани шири саг бо худам ҷанг доштам. Саги меҳрубон гӯи худаш мутаваҷҷеҳи тардиди ман шуда буд, гуфт:

«Умедворам ба андозаи кофӣ шир дошта бошам.»

Ман ҳам даст аз дудилагӣ бардоштам, хурӯсакро пеши даҳони саг гирифтаму гуфтам:

«Бифармоед, нӯши ҷон кунед!»

Модасаг ба унвони ташаккур фукашро наздики рӯям овард ва бо забони дарозаш гунаи хушкида аз ашкамро лес заду гуфт:

«Мамнун, аз ин ки ба фикри ман ҳастӣ!»

Баъд ҳам мисли одамҳо таҳмондаи хурӯсакро аз дастам ба даҳон гирифту зеризабонӣ гуфт:

«Мамнун, то ҳоло туршу ширин якҷо нахӯрда будам» ва бо шавқ шурӯъ кард ба макидан.

Ҳамин тавр, ки камарашро навозаш мекардам, дастам нохоста ба ронаш расид. Дар он фазои нисбатан торик ангуштам ба дохили чуқурии захми

тозае фуру рафт. Ба якбора садои нола саг баланд шуд ва хурӯсак аз даҳонаш ба замин афтод. Нолаи дигаре карду бо илтиҷо ва нигоҳи дардмандаш ба ман гуфт:

«Хоҳиш мекунам!... Он ҷоро навозиш накун!»

Дастам хунин шуд. Маълум буд, тоза захм бардоштааст. Пурсон шудам:

«Ту захмдор шудаӣ?»

Бо он барқи нигоҳаш ва ашке, ки аз гӯшаи чашмонаш сарозер шуд, бо ҳамон чашмони гирён гуфт:

«Нигарон набош, хуб мешавад».

Аз рӯйи дилсӯзӣ пурсон шудам:

«Касе туро захмӣ карда?»

Дар посух гуфт: «Чизе нест, ҷойи захми тир аст... Хуб мешавад».

Рӯяшро ба рӯям наздик кард ва бо забони дарозаш шурӯъ кард рӯямро лес задан. Каме қитӣ-қитӣ шудам ва хандидам. Ӯ ҳам бо ман бо тамоми ғусае, ки ба дил дошт, каме хандиду гуфт:

«Гурусна нестӣ?»

Аммо ман кунҷков будам ва пурсиши сагро нодида гирифта, аз ӯ пурсидам:

«Чӣ касе туро захмӣ карда?»

Бо нигоҳи модарона ва садои ларзон гуфт:

«Онҳое, ки мисли ту туфанг доштанд.»

Нигоҳе ба туфангам кардам ва гуфтам:

«Натарс! Ин туфанги дурӯғист, барои бозии кӯдакон аст.»

Саг худашро бо оромӣ каме ҷо ба ҷо карду гуфт:

«Пеш аз ин ки пеши шумо биёям, як мошини сиёҳранг бо шишаҳои дудӣ соҳиби маро кушт... , зану духтарашро барои бардагӣ burданд... Онҳо мегуфтанд, соҳиби ман кофир аст... Худам шунидам, ки...»

Дидам, ашк бештар аз гузашта дар чашмонаш ҷамъ шуд ва ба якбора аз чашмони сиёҳу барроқаш лағзиданд. Модасаги меҳрубон хеле ором ва бо дили пур аз ғусса шурӯъ кард ба гиристан ва идома дод:

«Шавҳарам ба хотири дифоъ аз соҳибхона кушта шуд..., Се тӯлаамро ҳам барои фурӯш бо худашун бурданд... Мегуфтан, ки мо наҷисем!... Онҳо намедонистанд ё намехостанд, ки бифаҳманд, мо сагҳои велгарди хиёбонӣ

нестем..., шиноснома дорем..., муаддаб ҳастем..., ба инсонҳо вафодорем..., ҳамон нопайдо ба мо гуфтааст, ки ба ҳамаи инсонҳо хидмат кунем..., ба мо гуфтааст, ки инсонҳо ҳеч фарқе бо ҳам надоран».

Лаҳазоте байни ману модасаг ба сукут гузашт. Нигоҳам ба таҳмондаи хурӯсаки рӯйи замин буд. Шикамам шурӯъ кард ба қур-қур кардан. Саг рӯяшро ба ман наздик кард ва ором ба гунаҳоям лес зад, то ин ки садои қур-қури шикамамро шунид. Ба якбора зад зери хандаву гуфт:

«Бифармоед, шир бинӯшед!»

Духтарча он қадар бо иштиҳои том пистони сагро мемакид, ки ман дар шакку тардид шудам. Хусусан ин суол бароям пеш омад, ки оё ба далели одам будан метавонем аз шири саг бихӯрем!? Мисли ин ки хаёли маро фаҳмиду гуфт:

«Бихӯр, азизам! Ранги рӯят зард шуда, бояд шир бихӯрӣ то қувват пайдо кунӣ... ва илло аз гуруснагӣ талаф мешавӣ! ... чашмонатро бибанд ва тасаввур кун, ки аз пистони очаат шир менӯшӣ»

Вақте медидам духтарча бо чӣ иштиёқе пистони ин модасагро мема-

кад, иштиёқи хурдани шири модасаг дар ман ҳам зиёд шуд. Чашмонамро бастаму сарамро ба зери шиками саг бурдам ва шурӯъ кардам ба макидани пистонаш. Аслан мазаи баде надошт. Баръакс бисёр ҳам хушмаза буд. Эҳсос кардам, ки қаблан аз ин шир хӯрдаам. Ҷолибтар ин ки нохудогоҳ хаёл кардам дар оғӯши очаи худам ҳастаму аз синаи ӯ шир менӯшам. Ором-ором нӯшидани шир ба монанди оромбахше тамоми вуҷудамро роҳат кард. Ҳамаи тарсҳову ларзаҳо аз дарунам ба берун рафтанд. Хеле ором, чашмонам вазнин шудаанду хобам бурд ...

* * *

Асри он рӯз падарам тавониста буд, маро ки беҳуш дар он зергузар тақрибан нимҷон афтода будам, пайдо кунад. То муддатҳо пас аз даҳшату убуҳҳати моҷарое, ки бар мо гузашта буд, ман дучори сукути ғайриихтиёрӣ шудам ва забонам то муддатҳо боз намешуд. Пас аз поёни ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон тайи дармонҳои рӯҳӣ-равонии фаровон тавонистам аз қафаси сукут раҳоӣ пайдо карда, тавони сухан гуфтани дубораро пайдо кунам. Аз падарам, ки маро дар он шароити таассуфбор, дар зергузари хиёбони марказии пойтахт пайдо карда буд, борҳо пурсидам:

«Оё духтарчаеро ҳам дар канорам дидааст ё не?»

Ӯ ҳамвора ин ҷавобро медод:

«Ман танҳо худатро беҳуш пайдо кардам ...»

Борҳову борҳо ин суолро дар тӯли зиндагиям аз ӯ пурсидаам, аммо ӯ ҳамвора ва бо таъкид вуҷуди духтарчаро дар канори ман дар он зергузари хиёбони марказӣ инкор мекард.

Ҳоло 31-сола ҳастам, бо як сӯзанаки сари духтарона, ки рӯйи он як гули зард ба зебоӣ нишастааст. Аз он вақт, ки худамро пайдо кардам, солҳост, ки дар пайи соҳибаш мегардам. Охирин хабаре, ки аз ӯ дарёфтам, ин аст, ки гӯё ӯро савдогарони инсон ба ҳамроҳи дигар духтаракон дар замони ҷанг ба яке аз шайхҳои араби ҳавзаи Халиҷи Форс фурӯхтаанд ...

Ва ҳамчунон бовар дорам, ки барои пайдо карданаш дар умри боқимондаам дар ин роҳи пурхатар аз ҷони хеш ҳам дареғ нахоҳам кард, чаро ки эҳсос мекунам, ӯ ҳам дар ҷое аз ин ҷаҳон ба ман меандешаду дар интизори ман аст, монанди лаҳзаҳои сахте, ки дар он зергузари хиёбони марказӣ дар интизори ёрии касе будем ...

Тирамоҳи 2014

**Барои қайдҳо** ___________________________

Муҳаррири техникӣ:
***Бунафша Ҷабборова***

Ба матбаа 27.05.2015 супорида шуд.
Ба чопаш 02.06.2015 имзо шуд.
Андозаи 70x90 $^{1}/_{32}$. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи нашрии шартӣ 4 ҷ.ч.
Адади нашр 500 нусха.

**ҶДММ «Нашриёти Бухоро».**
**ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**